*Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 75-76 (4815-4816) | ҶУМЪА, 14 ИЮНИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад





## МУЛОҚОТҲОИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ

### ДАР ДОИРАИ КОНФРОНСИ СЕЮМИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ОИД БА ДАҲСОЛАИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ АМАЛ «ОБ - БАРОИ РУШДИ УСТУВОР, СОЛҲОИ 2018-2028»

**11-уми июни соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи Конфронси сеюми байналмилалӣ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» котиби давлатии Ватикан Кардинал Петро Паролинро ба ҳузур пазируфтанд.**

Дар ҷараёни суҳбат таҳкиму густариши ҳамкориҳои ҳар ду ҷониб баррасӣ гардид.

- Мо дастгирии Ватиканро аз ташаббусҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаҳои об ва иқлим хеле қадр мекунем ва иштироки шуморо дар чорабинии имрӯзаи муҳими байналмилалӣ мисоли дигари ин дастгирӣ медонем, - изҳор доштанд дар оғози суҳбат Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Натиҷаҳои гуфтушуниди сатҳи олии Тоҷикистон ва Ватикан, ки 26 апрели соли 2024 баргузор шуда буд, қадами муҳим дар роҳи вусъат додани ҳамкории минбаъдаи ҳар ду тараф арзёбӣ гардид.

Ҷонибҳо зимни мулоқот оид ба масоили мубрами ҷомеаи ҷаҳонӣ, аз қабили тағйирёбии иқлим, таъсири он ба муҳити зист, норасоии оби ошомиданӣ ва коҳиш додани зарари он ба иқтисоди кишварҳо табодули андеша карданд.

Таҳкими ҳамкории кишварҳо дар соҳаҳои гуманитарию фарҳангӣ, илм, сайёҳӣ зарур шуморида шуда, ҷонибҳо изҳори итминон карданд, ки талошҳои муштарак ба раванди рушду тавсеаи равобити мусоиди Тоҷикистону Ватикан такони нав хоҳад бахшид.

Дар рафти мулоқот, ҳамчунин, оид ба дигар мавзуъҳои мавриди таваҷҷуҳи ду ҷониб гуфтугӯйи судманд сурат гирифт.

**11-уми июни соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи Конфронси сеюми байналмилалӣ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» вазири муҳити зист, об ва кишоварзии Арабистони Саудӣ Абдурраҳмон Ал-Фазлиро ба ҳузур пазируфтанд.**



Дар мулоқот ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Подшоҳии Арабистони Саудӣ баррасӣ шуд.

- Ҳузури Шуморо дар кори Конфронси сеюми оби Душанбе боз як далели таваҷҷуҳи доимии роҳбарияти олии Арабистони Саудӣ ба таҳкими робитаҳои гуногунҷанба бо Тоҷикистон арзёбӣ мекунем, - изҳор доштанд дар оғози суҳбат Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Ҷонибҳо доир ба масоили ҳамкории гуногунҷанбаи ҳар ду кишвари дӯст, аз ҷумла обу иқлим, муҳити зист, татбиқи барномаву лоиҳаҳои сармоягузорӣ ба бахшҳои судовар, чун кишоварзӣ ва саноат, бахусус саноати сабуку хӯроквори, гуфтугӯйи судбахш анҷом доданд.

Ба роҳандозии содироти маҳсулоти алоҳидаи кишоварзии Тоҷикистон ба Арабистони Саудӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардид.

Роҳандозии хатсайрҳои мустақим миёни шаҳрҳои ҳар ду кишвар омили муассир дар рушду таҳкими робитаҳои дуҷониба, аз ҷумла дар самти сайёҳӣ ва афзоиши тиҷорат, арзёбӣ шуд.

**11-уми июни соли ҷорӣ дар Қасри миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи Конфронси сеюми байналмилалӣ оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» иҷрокунандаи вазифаи Раиси Сенати Малайзия датук Нур Ҷазлон Муҳаммадро ба ҳузур пазируфтанд.**

- Мо таваҷҷуҳ ва дастгирии доимии роҳбарияти олӣ ва Ҳукумати Малайзияи ба мо дӯстро аз иқдомҳои глобалии Тоҷикистон дар соҳаи обу иқлим қадр мекунем.

Малайзияро яке аз шарикони муҳим ва дӯсти боэътимоди худ дар арсаи байналмилалӣ медонем,- изҳор доштанд дар оғози мулоқот Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Ҷонибҳо зимни баррасии маҷмӯи масоили ҳамкорӣ алоқамандии худро ҷиҳати таҳкиму тавсеаи муносибатҳои дӯстонаву судманд дар соҳаҳои мавриди таваҷҷуҳи муштарак, аз ҷумла робитаҳои байнипарлумонӣ, изҳор доштанд.

Ба густариши ҳамкорӣ дар соҳаҳои тиҷорату иқтисод, нақлиёт, энергетика, саноат ва кишоварзӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир гардид.

Рушди ҳамкорӣ дар бахшҳои молиявӣ, сармояву инноватсионӣ, маориф, робитаҳои фарҳангӣ ва сайёҳӣ аз омилҳои муҳими тақвиятбахши муносибатҳои ҳар ду кишвар номида шуд.

Дар мулоқот ҷонибҳо, ҳамчунин, оид ба дигар масъалаҳои мавриди таваҷҷуҳ гуфтугӯйи судманд анҷом доданд.

**www.prezident.tj**

## НОМАИ ТАБРИКӢ

**12-уми июни соли ҷорӣ Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба унвони Раиси Шурои Федератсияи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия Валентина Матвиенко ва Раиси Думаи Давлатии Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия Вячеслав Володин ба муносибати Рӯзи Россия номаи табрикӣ ирсол намуданд.**



Дар номаи табрикӣ зикр гардидааст, ки Тоҷикистон ҳамеша аз дастовардҳои шарики стратегӣ ва ҳампаймони худ истиқбол менамояд. Имрӯз муносибатҳои Тоҷикистону Россия намунаи робитаҳои мутақобилан судманди байнидавлатӣ буда, дар ин ҷода шохаҳои қонунгузори ҳокимият саҳми арзанда доранд. Изҳори итминон карда шуд, ки рушди минбаъдаи муносибатҳои байнипарламентӣ дар оянда низ ба таҳкими муносибатҳои дӯстонаи байни кишварҳо ва халқҳои мо мусоидат хоҳад намуд.

**www.majmilli.tj**

Дар кумитаҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

## БАРРАСИИ ҚОНУНҲО ВА ПЕШНИҲОДИ ХУЛОСАҲО



**Ёздаҳуми июни соли равон таҳти раёсати муовини раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисодиёту коммуникатсия Одиназода Бозоралӣ Неъмат ҷаласа доир шуд.**

Аъзои кумита зимни ҷаласа Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нишондиҳанда барои ҳисобҳо», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартонӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсимоти маҳсулот», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкии исломӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои пардохтӣ ва низоми пардохт», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими асъор ва назорати асъор», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таърихи қарз (кредит)», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ангишт»-ро баррасӣ намуда, вобаста ба масъалаҳои зикршуда қарорҳои дахлдор қабул гардид.



**Дувоздаҳуми июни соли ҷорӣ таҳти раёсати раиси Кумитаи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, шуғли аҳолӣ ва экология Давлаталӣ Саид ҷаласа доир шуд.**

Аъзои кумита дар ҷаласа се масъала - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи чарогоҳ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳифизат ва истифодаи олами наботот», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи карантин ва муҳофизати растаниҳо»-ро баррасӣ ва ба Шурои Маҷлиси миллӣ пешниҳод намуданд.

**Фарзона ФАЙЗАЛӢ, «Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**



## ИТТИЛОИЯ

### Дар бораи Иҷлосияи ҳаждаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

Иҷлосияи ҳаждаҳуми Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум 19 июни соли 2024, соати 10-00 дар маҷлисгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад.

Аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 18 июни соли 2024 аз соати 09-00 то соати 17-00 ва 19 июни соли 2024 аз соати 08-00 то 09-30 дар шуъбаи ташкилии Дастгоҳи Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта мешаванд.

**Телефонҳо:** 221-98-35, 223-19-48.

Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

## ВАКИЛИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН АЗ ҲУҚУҚИ ДАХЛНОПАЗИРӢ МАҲРУМ КАРДА ШУД

**Чордаҳуми июни соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС: - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 56 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Юсуф Аҳмадзод ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа як масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар ҳаст? Нест.

Хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъала «Оид ба пешниҳоди Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъалаи рӯзнома шурӯъ менамоем. Сухан ба Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Раҳмон Юсуф Аҳмадзод дода мешавад. Марҳамат.

**Юсуф РАҲМОН:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба самъи шумо расонида мешавад, ки дар пешбурди Прокуратураи генералӣ парвандаи ҷиноятӣ нисбати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Усмонзода Саидҷаъфар Усмон ва дигарон бо моддаи 306 қисми 2 банди «в» Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки кирдори ҷинояткориро барои бо зӯроварӣ ғасб намудани ҳокимият муқаррар менамояд, мавриди тафтиши пешакӣ қарор дорад.

Тафтишот муайян намуд, ки Усмонзода С.У. моҳи сентябри соли 2021 тариқи алоқаи мобилӣ бо муовини роҳбари ташкилоти экстремистӣ- террористии «Паймони миллии Тоҷикистон» Шарофиддин Гадоев ҳамсуҳбат шуда, оид ба ғасби ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон маслиҳати пешакӣ намудааст.

Гадоев Ш. ваъда додааст, ки барои амалӣ намудани ин мақсад роҳбари ташкилоти экстремистӣ-террористии «Ҳизби наҳзати ислом» Кабирӣ М. ба ӯ кумакҳои пулӣ расонида, зиёда аз 3 ҳазор ҷанговарони ташкилоти террористии «Ҷамоати Ансоруллоҳ»-ро аз хориҷи кишвар ба Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд.

Усмонзода С.У. ҷиҳати амалӣ намудани нақшаи ҷинояткоронааш дар дохили кишвар ва берун аз он тарафдорони худро аз табақаҳои гуногуни ҷомеа ҷалб карда, гурӯҳҳо ташкил намуда, ҳар кадоми онҳоро барои иҷрои корҳои муайян вазифадор намудааст.

(Давомаш дар саҳ. 5)

Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум

# ТАСДИҚИ 4 СОЗИШНОМАИ НАВИ ГРАНТИЮ ҚАРЗӢ БО БАТР



**Дувоздаҳуми июни соли 2024 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадтоир Зокирзода ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашум баргузор гардид.**

**РАИС: - Вакилони арҷманд!**

Хоҳиш мекунам, аз қайд гузаред.

Ҳоло дар толор 52 вакил ҳузур доранд.

Имкон шуд, ки ба кори ҷаласа шурӯъ намоем.

Чӣ гуна андешаҳо ҳаст? Нест.

Мутобиқи моддаи 34-и Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷаласаи навбатии Иҷлосияи панҷуми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати шашумро кушода эълон менамоям.

**Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Дар ҷаласаи имрӯза Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - Намояндаи ваколатдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Зариф Ализода, вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода, раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуриддин Саид, сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Хуршед Каримзода, муовини вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Машокир Назарзода, муовини якуми раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон Диловар Пирзода, муовини якуми раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Зарафо Қиёмзода, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Эмомалӣ Насриддинзода, муовини фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, генерал-майор Тоҷиддин Шоҳвализода, ноиби президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Илҳом Амонзода ва дигар шахсони даъватшуда иштирок доранд.

**РАИС: - Вакилони арҷманд, ҳозирини гиромӣ!**

Ба рӯзномаи ҷаласа ҳаждаҳ масъала пешниҳод шудааст, ки нусхаи он дар дасти шумо ҳаст.

Доир ба рӯзнома таклифу пешниҳоди дигар ҳаст? Нест.

Хоҳишмандам нисбат ба рӯзнома мавқеатонро муайян намоед.

*Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо фарогирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид:*

**1. Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**2. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**3. Дар бораи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Корея оид ба маблағҳои қарзии Фонди рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ**

**4. Дар хусуси Созишномаи грантӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди шабакаи интиқоли барқи Суғд»**

**5. Дар хусуси Созишномаи грантӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Васеъсозии шабакаи интиқоли барқи Суғд»**

**6. Дар хусуси Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди шабакаи интиқоли барқи Суғд»**

**7. Дар хусуси Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Васеъсозии шабакаи интиқоли барқи Суғд»**

**8. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**9. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**10. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»**

**11. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет»**

**12. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ»**

**13. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон»**

**14. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид»**

**15. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ғалла ва маҳсулоти коркарди он»**

**16. Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооти экологӣ»**

**17. Дар хусуси тағйироту илова ба моддаи VI ва моддаи XIV.A Оинномаи Агентии байналмилалии неруи атомӣ**

**18. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон».**

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ мекунем. Аз рӯйи масъалаи мазкур сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Мавлудахон Мирзозода дода мешавад. Марҳамат.

**Мавлудахон МИРЗОЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» тибқи талаботи моддаи 58 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 12 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагон Маҳмадалӣ Ватанзода, Зафар Ализода ва Файзулло Наҷмиддиниён таҳия ва пешниҳод гардидааст.



Мақсад аз пешниҳод намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» амалигардонии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23 декабри соли 2022, «Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ», бартараф намудани норасоӣ, мухолифат ва риояи меъёрҳои Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мутобиқ намудани он ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Қобили қайд аст, ки соли 2022 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид, ки он аз 1 июли соли 2023 мавриди амал қарор дорад. Дар ин асно, меъёрҳои Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба талаботи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ворид намудани тағйиру иловаҳо мутобиқ ва такмил дода шуданд. Аммо меъёрҳои Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки муносибатҳоро вобаста ба фаъолияти ташкилию ҳуқуқии мақомоти судӣ ва судяҳо, аз ҷумла вобаста ба салоҳияти Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, раёсатҳои Суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоят ва шаҳри Душанберо ба танзим медарорад, ба талаботи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси мурофиавии мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ намебошад. Аз ин лиҳоз, бо назардошти инкишофи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, маданӣ, такмили қонунгузорӣ ва фаъолияти судҳо мутобиқ ба талаботи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28 декабри соли 2023 муносибатҳои ҳуқуқӣ бояд дуруст танзим шаванд.

Лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад ва аз буҷети давлатӣ маблағи иловагӣ талаб наменамояд. Хоҳиш менамоям, ки барои қабули он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем. Аз рӯйи масъалаи мазкур сухан ба сардори Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Хуршед Каримзода дода мешавад. Марҳамат.

**Хуршед КАРИМЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади иҷрои Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 14 феврали соли 2024, №АП-518 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро таҳия намуд.

Моддаи 492 Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби ба вазифа таъин намудани шахсони мансабдори мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби ҷойивазкунӣ ва ба кори дигар гузарондани онҳоро муқаррар намудааст. Тибқи лоиҳаи қонуни таҳияшуда тартиби мазкур иваз шуда, баъзе шахсони мансабдори мақомоти гумрук, аз ҷумла сардорони раёсатҳои минтақавии гумрукӣ ва сардорони раёсатҳои дастгоҳи марказии мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ, бо розигии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин карда мешаванд.

Дигар шахсони мансабдори мақомоти гумрук, аз ҷумла муовинони сардорони раёсатҳо, сардорони шуъбаҳо, сарнозирон, нозирон ва дигар мутахассисон, дар асоси қарордод бо фармоиши роҳбари мақоми ваколатдор оид ба масъалаҳои фаъолияти гумрукӣ таъин карда мешаванд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин, санадҳои байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, мухолифат надорад ва ҳангоми қабул гардидан хароҷоти иловагии молиявиро аз буҷети давлатӣ талаб наменамояд. Аз шумо - вакилони гиромӣ хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Сурайё Дӯстмуродзода дода мешавад. Марҳамат.

**Сурайё ДӮСТМУРОДЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.



Лоиҳаи қонуни зикргардидаро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ҷонибдорӣ намуданд. Лоиҳаи қонуни мазкур дар кумита бо тартиби муқаррргардидаи Дастури Маҷлиси намояндагон баррасӣ гардида, расмиёти дохилиро гузашта, ба моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Корея оид ба маблағҳои қарзии Фонди рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ» шурӯъ мекунем. Аз рӯйи масъалаи мазкур сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Корея оид ба маблағҳои қарзии Фонди рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ қолабӣ буда, минбаъд дар заминаи он созишномаҳои нав барои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории давлатӣ, ки дар он ҳаҷм, шартҳо ва муқаррароти пешниҳоди маблағҳои қарзӣ аз ҳисоби маблағгузории қарзии Фонди рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ муайян мегардад, имзо мешаванд. Яъне, танҳо пас аз ба расмият даровардани созишномаи мазкур дастрасӣ ба маблағҳои Фонди рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ имконпазир мегардад.

Маблағҳои Фонди рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ имтиёзнок буда, бо шартҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

- муҳлати қарзи пешниҳодшаванда то 40 сол;
- давраи имтиёзнок 10 сол;
- ҳаққи хизматрасонии қарз 0,05%.

Мутобиқи талаботи созишномаи мазкур, маблағҳои Фонд дар асоси дархости алоҳидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои татбиқи лоиҳаҳое, ки ба муҳайё намудани шароити хуби зист барои аҳолӣ дар маҳалҳо, бахусус тавассути ташкили инфрасохтори иҷтимоӣ барои соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва обтаъминкунӣ, инчунин, барои ҷудо намудани маблағҳои грантии хурд барои омода намудани асосноккунии техникию иқтисодии лоиҳаҳо, ҷалб мешаванд. Бо назардошти муҳимияти татбиқи лоиҳаҳо дар бахшҳои иҷтимоию иқтисодии мамлакат, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки созишномаи пешниҳодшударо дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Мунаввар Абдусаломзода дода мешавад. Марҳамат

**Мунаввар АБДУСАЛОМЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Корея оид ба маблағҳои қарзии Фонди рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ 23 ноябри соли 2023 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Арзиши сармоявии ҳар як лоиҳае, ки созишнома фаро мегирад, қарзи имтиёзнокро ташкил хоҳад кард. Лоиҳаҳо ба рушди иҷтимоию иқтисодӣ, муҳайё сохтани шароити зисти аҳолӣ дар маҳалҳо, бахусус тавассути ташкили инфрасохтори иҷтимоӣ барои соҳаҳои маориф, тандурустӣ ва обтаъминкунӣ, инчунин, дигар соҳаҳо равона мешавад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон созишномаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуданд. Созишномаи мазкур дар кумита бо тартиби муқарраркардаи Дастури Маҷлиси намояндагон баррасӣ гардида, расмиёти дохилиро гузашта, ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мутобиқ буда, ба талаботи санадҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад. Хоҳиш менамоям, ки барои тасдиқи он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Корея оид ба маблағҳои қарзии Фонди рушди ҳамкориҳои иқтисодӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишномаи грантӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди шабакаи интиқоли барқи Суғд» оғоз менамоем. Аз рӯйи масъалаи мазкур сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо Созишномаи грантӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба татбиқи лоиҳаи «Таҷдиди шабакаҳои интиқоли барқи Суғд», ки 28 феврали соли 2024 ба имзо расидааст, пешниҳод мегардад.

Арзиши умумии созишномаҳои қарзию грантии бо Бонки аврупоии таҷдид ва рушд баимзорасида дар доираи лоиҳаҳои таҷдид ва васеъсозии шабакаҳои интиқоли барқи Суғд 35,4 млн. евроро ташкил намуда, барои татбиқи он 23,0 млн. евро аз ҳисоби маблағҳои қарзии Бонки аврупоии таҷдид ва рушд, 10,0 млн. евро маблағҳои грантӣ аз ҳисоби маблағҳои фондҳои махсуси ин бонк ва 2,4 млн. евро ҳамчун кумаки техникии бонки мазкур ҷалб мешавад.

Ҳадаф аз татбиқи лоиҳа таҷдиди низоми интиқоли неруи барқ, таъмини устувории интиқоли барқ, баланд бардоштани шиддатнокӣ дар шабакаҳои барқӣ, паст кардани талафоти неруи барқ ва такмили таъминоти он дар минтақаҳои шимоли ҷумҳурӣ мебошад.

Дар доираи татбиқи лоиҳа анҷоми корҳои зерин пешбинӣ шудааст:

- насби 3 трансформатори нав бо иқтидори ҳар кадом 267 мегаволт/ампер ба маблағи 16,6 млн. евро;
- иваз намудани 3 трансформатори ҳар кадом бо иқтидори 167 мегаволт ампер ба 267 мегаволт/ампер ба маблағи 13,4 млн. евро;
- 2,4 млн. евро барои дастгирии татбиқи лоиҳа ва 3,0 млн. евро маблағҳо барои хароҷоти ғайричашмдошт.

Инчунин, татбиқи маҷмӯии лоиҳа тавассути ба имзо расондани 2 созишномаи грантӣ ва 2 созишномаи қарзӣ амалӣ мешавад, ки доир ба ҳар яки онҳо дар алоҳидагӣ гузоришҳо пешниҳод мегардад.

Дар доираи Созишномаи грантӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба татбиқи лоиҳаи «Таҷдиди шабакаҳои интиқоли барқи Суғд» барои иваз намудани 3 трансформатори мавҷуда, ки иқтидори ҳар кадоми он 167 мегаволт/ампер ба 267 мегаволт/ампер ташкил менамояд, равона намудани 4,5 млн. евро пешбинӣ шудааст.

Татбиқи лоиҳаи мазкур аз соли 2024 оғоз гардида, анҷоми он соли 2028 ба нақша гирифта шудааст. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки созишномаи грантии пешниҳодгардидаро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Абдуҳалим Ғафforзода дода мешавад. Марҳамат.

**Абдуҳалим ҒАФФОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи грантӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди шабакаи интиқоли барқи Суғд» 28 феврали соли 2024 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагон Созишномаи мазкур ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия барои баррасӣ супорида шуд.



Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон созишномаро ҷонибдорӣ намуданд.

Созишномаи мазкур ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқ мебошад. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки Созишномаи грантӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди шабакаи интиқоли барқи Суғд»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишномаи грантӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди шабакаи интиқоли барқи Суғд» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**(Давомаш дар саҳ. 3)**



# БАРРАСИИ ҲАМКОРӢ БО МҲТБО

**12-уми июни соли 2024 дар доираи Конфронси сеюми байналмилалии сатҳи баланд оид ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об - барои рушди устувор, солҳои 2018-2028» раиси Комиссияи одоби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзулло Баротзода бо дабири кулли Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё Кайрат Сарибай мулоқот намуд.**

Таъкид гардид, ки Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё созмони бонуфузи минтақавист, ки соли 1992 асос гузошта шуда, мақсади он ҳамкориҳои сиёсӣ, низомӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ дар доираи кишварҳои аъзои созмон мебошад ва таъмини амнияти дастҷамъии Осиёро дар назар дорад.

Лозим ба ёдоварист, ки ба ин созмони бонуфузи минтақавӣ зиёда аз 30 кишвар аъзо мебошад ва ҷаласаҳои он бо раисии кишварҳои бонуфузи ҷаҳон дар солҳои мухталиф доир гардида, дар он масъалаҳои амниятӣ, низомӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ баррасӣ мешаванд. Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷаласаи панҷуми вазирони корҳои хориҷии Машварати ҳамкорӣ ва тадбирҳои боварӣ дар Осиё, ки 5 июни соли 2006 доир гардида буд, ба узвияти он шомил гардид. Ин иқдоми боварӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки ин созмон ба Тоҷикистон буда, нуфузи кишвари моро дар арсаи сиёсати ҷаҳонӣ ва дар минтақа боз ҳам болотар хоҳад бурд.

Терроризму ифротгароӣ таҳдидҳои глобалии замони муосир буда, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ба он вобастагӣ дорад. Масъалаҳои дигари Машварати ҳамкорӣ мубориза бо муқобили терроризму ифротгароӣ ва қочоқи маводи мухаддир мебошад.

Изҳори қаноатмандӣ шуд, ки дар доираи машварати мазкур ҳамкориҳои иқтисодии ин кишварҳо бо Тоҷикистон тавсеа ёфта, ҷалби сармоя ба соҳаҳои саноат, энергетика ва туризм афзун мегардад.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ,**
**мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи МНМО ҶТ.**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# ТАСДИҚИ 4 СОЗИШНОМАИ НАВИ ГРАНТИЮ ҚАРЗӢ БО БАТР

(Идома аз саҳ. 2)

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишномаи грантӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Васеъсозии шабакаи интиқоли барқи Суғд» шурӯъ мекунем. Аз рӯйи масъалаи мазкур сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо Созишномаи грантӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Васеъсозии шабакаи интиқоли барқи Суғд», ки 28 феврали соли 2024 ба имзо расидааст, пешниҳод мегардад.

Арзиши умумии лоиҳаи мазкур 35,4 млн. евроро ташкил менамояд. Дар доираи созишномаи грантии мазкур барои насби 3 адад трансформатори нав бо иқтидори умумии 801 (3*267) мегаволт/ампер равона намудани 5,5 млн. евро пешбинӣ гардида, татбиқи лоиҳаи мазкур аз соли 2024 оғоз ва анҷоми он соли 2028 ба нақша гирифта шудааст.

Амалишавии лоиҳа барои ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегӣ, аз ҷумла таъмини истиқлолияти энергетикӣ, муҳим аст. Бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки созишномаи пешниҳодгардидаро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Музаффарҷон Маҳмудзода дода мешавад. Марҳамат.

**Музаффарҷон МАҲМУДЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи грантӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Васеъсозии шабакаи интиқоли барқи Суғд» 28 феврали соли 2024 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагон созишномаи мазкур ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия барои баррасӣ супорида шуд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон созишномаро ҷонибдорӣ намуданд.

Созишнома ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқ мебошад.

Хоҳиш менамоям, ки Созишномаи грантӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Васеъсозии шабакаи интиқоли барқи Суғд» - ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ««Дар хусуси Созишномаи грантӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Васеъсозии шабакаи интиқоли барқи Суғд» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид*.

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди шабакаи интиқоли барқи Суғд» шурӯъ мекунем. Аз рӯйи масъалаи мазкур сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди шабакаи интиқоли барқи Суғд», ки 28 феврали соли 2024 ба имзо расидааст, пешниҳод мегардад.

Бояд қайд намуд, ки ҳаҷми маблағҳои қарзии дар доираи созишномаи қарзии мазкур ҷалбшаванда 10,2 млн. евроро ташкил менамояд. Маблағи қарзии ҷалбшаванда барои азнавсозии зеристгоҳи барқии Суғд-500 тавассути иваз намудани 3 автотрансформаторҳои амалкунанда, ки иқтидори ҳар кадоми онҳо 167 мегаволт/ампер ба автотрансформаторҳои нав бо иқтидори ҳар кадоми онҳо 267 мегаволт/ампер равона мешавад.

Маблағи қарзии мазкур бо шартҳои зерин, аз ҷумла, муҳлати қарз 18 сол, давраи имтиёзнокӣ 4,5 сол ва бо меъёри тағйирёбандаи солонаи Евробир+1 фоиз ҷалб мешаванд.

Бо назардошти ҷалби якҷояи маблағҳои қарзию грантӣ аз Бонки аврупоии таҷдид ва рушд барои татбиқи маҷмӯии лоиҳа, имтиёзнокии қарзи ҷалбшуда ба талаботи стратегияи идоракунии қарзи давлатӣ мутобиқ мебошад. Татбиқи лоиҳаи мазкур соли 2024 оғоз гардида, анҷоми он соли 2028 ба нақша гирифта шудааст.

Хоҳиш менамоям, ки созишномаи пешниҳодгардидаро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Бахтиёр Аҳмадзода дода мешавад. Марҳамат.

**Бахтиёр АҲМАДЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди шабакаи интиқоли барқи Суғд» 28 феврали соли 2024 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагон созишномаи мазкур ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия барои баррасӣ супорида шуд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаро ҷонибдорӣ намуданд.

Созишнома ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқ мебошад.

Хоҳиш менамоям, ки Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди шабакаи интиқоли барқи Суғд» - ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Таҷдиди шабакаи интиқоли барқи Суғд» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид*.

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Васеъсозии шабакаи интиқоли барқи Суғд» шурӯъ мекунем. Аз рӯйи масъалаи мазкур сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Васеъсозии шабакаи интиқоли барқи Суғд», ки 28 феврали соли 2024 ба имзо расидааст, пешниҳод мегардад.

Маблағи қарзии дар доираи созишномаи қарзии мазкур ҷалбшаванда 12,8 млн. евроро ташкил намуда, он барои харид ва насби 3 трансформатори нав бо иқтидори умумии 801 мегаволт ампер равона гардида, маблағи қарзии мазкур ба муҳлати 18,0 сол, бо давраи имтиёзноки 4,5 сол ва бо меъёри тағйирёбандаи солонаи Евробир+1 фоиз ҷалб мешаванд.

Субъекти татбиққунандаи лоиҳа ва пардохткунандаи қарз, ки тибқи созишномаи зерқарзии алоҳида танзим мешавад, Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Шабакаҳои интиқоли барқ» ба ҳисоб рафта, татбиқи лоиҳаи мазкур аз соли 2024 оғоз гардида, анҷоми он соли 2028 ба нақша гирифта шудааст.

Хоҳиш менамоям, ки созишномаи қарзии пешниҳодгардидаро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Хайрулло Амонулло дода мешавад. Марҳамат.

**Хайрулло АМОНУЛЛО:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Васеъсозии шабакаи интиқоли барқи Суғд» 28 феврали соли 2024 дар шаҳри Душанбе ба имзо расида, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагон созишнома ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия барои баррасӣ супорида шуд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон созишномаро ҷонибдорӣ намуданд.

Созишнома ба моддаи 57-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 11-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон», санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқ мебошад. Хоҳиш менамоям, ки тасдиқ намудани Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Васеъсозии шабакаи интиқоли барқи Суғд»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси Созишномаи қарзӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки аврупоии таҷдид ва рушд вобаста ба лоиҳаи «Васеъсозии шабакаи интиқоли барқи Суғд» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем. Аз рӯйи масъалаи мазкур сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Файзиддин Қаҳҳорзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзиддин ҚАҲҲОРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» пешниҳод мегардад.

Дар асоси дастуру ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Кодекси андоз барои дастгирии соҳаи кишоварзӣ, аз ҷумла соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ ва истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво, инчунин, амалӣ гардидани барномаҳои соҳаҳои кишоварзӣ ва саноатикунонии босуръати мамлакат низоми имтиёзноки андозбандӣ пешбинӣ гардида буд. Муҳлати амали низоми имтиёзи мазкур дар Кодекси андоз то 1 январи соли 2024 муқаррар шудааст.

Татбиқи ин имтиёз имкон дод, ки шумораи субъектҳои соҳибкории самти мазкур аз 65 адади соли 2017 ба 218 адад дар соли 2022 баробар гардад, ки афзоиши он 3,4 маротибаро ташкил дод. Дар баробари ин, саршумори паранда низ 4,3 маротиба афзоиш ёфта, аз 1,8 млн. сар парандаи дар соли 2017 мавҷудбуда ба 7,8 млн. сар дар соли 2022 баробар гардид. Инчунин, солҳои 2017-2022 истеҳсоли тухми паранда 6,3 маротиба зиёд гардида, воридоти он 12,5 маротиба коҳиш ёфт. Яъне, агар дар соли 2017 дар ҷумҳурӣ 162,6 млн. дона тухм истеҳсол гардида, ба ҷумҳурӣ 194,4 млн. дона тухм ворид шуда бошад, пас ин нишондиҳандаҳо дар соли 2022 мутаносибан ба 1029,1 млн. дона ва 15,6 млн. дона баробар шудааст.

Дар давраи зикргардида аз ҷониби субъектҳои соҳибкорӣ содироти тухм низ ба қайд гирифта шудааст, ки ҳаҷми он 2,7 млн. донаро ташкил додааст.

Айни ҳол дар доираи ҳамкориҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки умумиҷаҳонӣ татбиқи барномаи нави ислоҳотӣ мавриди корбарӣ қарор дорад, ки яке аз самтҳои он бозбинӣ намудани имтиёзҳои андозӣ ба шумор меравад.

Бо мақсади дастгирии соҳаи парандапарварӣ дар солҳои минбаъда ва халалдор насохтани раванди ҳамкориҳо бо созмонҳои молиявии ҷаҳонӣ дар лоиҳаи қонуни пешниҳодшуда муқаррарот оид ба тамдиди муҳлати амали имтиёзҳо ба фаъолияти парандапарварӣ, моҳипарварӣ, истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво то 31 декабри соли 2025 ва озод намудан аз андозҳои зерин ба андозаи 50 фоизи меъёри дар Кодекси андоз муқарраршуда пешбинӣ карда мешавад:

- андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ;
- андоз аз арзиши иловашудаи дохилӣ;
- андоз аз объектҳои ғайриманқул ва андози замин.

Ҳамзамон, бо мақсади пешгирии ҳолатҳои суистифода шудани имтиёзҳо нисбат ба воридоти гандум ба қисми 4 моддаи 251 Кодекси андоз тағйиру илова пешбинӣ гардида, мутобиқи он озодкунӣ танҳо нисбат ба воридоти гандуми навъҳои 5-6 татбиқ карда мешавад.

Дар маҷмӯъ, қабули лоиҳаи қонуни мазкур ба таъмини амнияти озуқаворӣи кишвар, шаффофияти фаъолияти субъектҳои соҳаҳои парандапарварӣ ва моҳипарварӣ, истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво мусоидат менамояд.

Бо таваҷҷуҳ ба нуктаҳои қайдгардида хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни пешниҳодшударо ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Ғиёсиддин Ашурзода дода мешавад. Марҳамат.

**Ғиёсиддин АШУРЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади дастгирии давлатии соҳаҳои парандапарварӣ, моҳипарварӣ, истеҳсоли хӯроки омехтаи паранда ва чорво таҳия гардида, қабули он ба амалӣ гардидани барномаҳои соҳаҳои кишоварзӣ ва саноат мусоидат менамояд.



Лоиҳаи қонуни мазкурро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ҷонибдорӣ намуда, ҳамзамон, 5 таклиф пешниҳод намуданд, ки онҳо ба назар гирифта шуданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, барои қабули он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» шурӯъ мекунем. Аз рӯйи масъалаи мазкур сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Мавлудахон Мирзозода дода мешавад. Марҳамат.

**Мавлудахон МИРЗОЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Ватанзода, Р. Шоҳмурод, Р. Раҷабзода, М. Мирзозода ва Т. Азимзода таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Мақсади асосии лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» амалигардонии Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 23 декабри соли 2022, мутобиқгардонии он ба талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дар амал татбиқ намудани меъёрҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масунияти юридиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ҳамчунин, амалисозии «Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар самти мукаммалсозии қонунгузории мурофиавии иқтисодии Тоҷикистон мебошад. Аз ин лиҳоз, бо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» меъёрҳои Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил ва дар амал татбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масунияти юридиксионии давлати хориҷӣ ва моликияти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мусоидат менамояд. Тибқи лоиҳа, ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон боби $30^1$ бо номи «Истеҳсолоти парвандаҳо бо иштироки давлати хориҷӣ» илова мегардад, ки фарогири 12 моддаи алоҳида мебошад. Боби нави иловашаванда масъалаҳои зеринро дар бар мегирад: мурофиаи судии парвандаҳо бо иштироки давлати хориҷӣ; салоҳияти судҳои иқтисодӣ оид ба парвандаҳо бо иштироки давлати хориҷӣ; ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мурофиавии давлати хориҷӣ, намояндагӣ; пешниҳод намудани аризаи даъвогӣ; хусусияти андешидани тадбирҳо оид ба таъмини даъво; фиристодан ва супоридани хабарномаи судӣ дар бораи муҳокимаи судӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои судӣ ба давлати хориҷӣ; хусусияти маҷлиси пешакии судӣ ва қатъ кардани истеҳсолоти парванда; хулосаи мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои дигар ва коршиносон оид ба масъалаҳои татбиқи масунияти юрисдиксионӣ; татбиқи принсипи мутақобила; ҳалномаи ғоибона; имтиёз ва масунияти давлати хориҷӣ дар ҷараёни муҳокимаи судӣ; тартиби иҷро намудани санадҳои судӣ нисбат ба давлати хориҷӣ.

Инчунин, бо ворид намудани тағйиру иловаҳои пешниҳодшаванда меъёрҳои Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил дода шуда, носаҳеҳӣ, норасоӣ ва гуногунфаҳмиҳо бартараф мегарданд.

Лоиҳаи қонуни зикршуда расмиёти дохилиро тибқи талаботи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузашта, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад. Хоҳиш менамоям, ки ба ҷонибдории лоиҳаи қонуни мазкур овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қонун қабул шуд.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** -Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оғоз менамоем. Аз рӯйи масъалаи мазкур сухан ба муовини фармондеҳи Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, генерал-майёр Тоҷиддин Шоҳвализода дода мешавад. Марҳамат.

**Тоҷиддин ШОҲВАЛИЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Қабл аз ҳама миннатдории самимии роҳбарияти Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҷиҳати ҳамкориҳои мутақобилаи судманд ва самаранок дар самти таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳор менамоям.

Роҳандозӣ намудани низоми «Дарвозаҳои электронӣ» дар гузаргоҳҳои сарҳадӣ, бо ташаббуси Сарраёсати консулии Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Дарвозаҳои электронӣ (Automatic border control - назорати сарҳадии худкор) - ин маҷмӯи дастгоҳҳо ва таъминоти барномавии компютерӣ буда, ба таври худкор назорати сарҳадии тафтиши ҳуҷҷатҳои ашхоси убуркунандаи сарҳади давлатӣ ва бақайдгирии онро тавассути гузаргоҳҳои Сарҳади давлатӣ амалӣ менамояд.

Айни замон, дар толори самти вуруди Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе 3 дарвозаи электронӣ васлу насб гардида, дар марҳилаи озмоишӣ қарор доранд.



Бояд қайд намуд, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 июни соли 2014, №405 «Шабакаи ягонаи иттилоотии электронӣ барои гирифтани раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷорӣ намудани раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд» таъсис дода шудааст. Дар доираи шабакаи мазкур 32 гузаргоҳи Сарҳади давлатӣ, 113 маркази маълумотҷамъкунии биометрӣ барои таҳияи шиносномаи шаҳрвандӣ ва шиносномаи хориҷии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, 48 муассисаи хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври мунтазам бо ҳам пайваст мебошанд. Низоми ягонаи идоракунии раводид ва сарҳади Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нимаи дуюми соли 2015 фаъол буда, ба он низоми «Дарвозаҳои электронӣ» аз соли 2023 ҳамгиро карда шуда, маълумоти шиносномавии шаҳрвандонро бо рӯйхатҳои шахсони мамнӯъ ва мавриди кофтуков қарордошта низ муқоиса менамояд.

Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ба мусофирон, пешгирӣ аз танбашавӣ ва сар задани ҳама гуна ҳолатҳои ҷанҷолӣ дар гузаргоҳҳои сарҳадӣ, низоми мазкурро ҷонибдорӣ намуда, вобаста ба иҷрои супориши роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 январи соли 2024, №879 (31-5) оид ба тақвият бахшидани заминаи меъёрии ҳуқуқии низоми «Дарвозаҳои электронӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, лоиҳаи такмилгардидаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро дастгирӣ намуд.

Хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро қабул намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Рустам Шоҳмурод дода мешавад. Марҳамат.

**Рустам ШОҲМУРОД:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Лоиҳаи қонуни зикршуда бо мақсади содагардонии расмиёти убури Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби мусофирон таҳия гардидааст. Қайд кардан бамаврид аст, ки «Дарвозаи электронӣ» низоми худкори назорати сарҳадӣ буда, бо шабакаи иттилоотии электронӣ барои гирифтани раводиди Ҷумҳурии Тоҷикистон (махзани ягонаи «Системаи идоракунии раводид ва сарҳад») ҳамгиро мебошад.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонунро мавриди омӯзиш қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуданд. Лоиҳаи қонуни пешниҳодгардида ба моддаи 24 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муқаррароти қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи амният» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мухолифат надорад. Хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» оғоз менамоем. Аз рӯйи масъалаи мазкур сухан ба муовини якуми раиси Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон Диловар Пирзода дода мешавад. Марҳамат.

**Диловар ПИРЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» аз ҷониби Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи нақшаи чорабиниҳо оид ба амалигардонии «Барномаи давлатии рушди соҳаи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022- 2026», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29. 07 соли 2022, №378 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади мутобиқ намудан ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» ва Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия шудааст. Бо ин мақсад дар сархати сеюми қисми 3 моддаи 4,қисми 1 моддаи 28 номи боби 19, дар ном ва қисмҳои 1 ва 2 моддаи 72, моддаҳои 73 ва 74 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» калимаҳои «ҳуқуқ ба амволи ғайриманқул ва аҳдҳо бо он», «амвол», «амволи ғайриманқул ва аҳдҳо бо он» мувофиқан ба калимаҳои «молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он», «молу мулк», «молу мулки ғайриманқул» иваз ва ба қонунгузории амалкунанда мутобиқ карда шудааст.

Хоҳиш менамоям, ки барои қабули он овоз диҳед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Азиз Гиёзода дода мешавад. Марҳамат.

**Азиз ГИЁЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

(Давомаш дар саҳ. 4)

# ТАСДИҚИ 4 СОЗИШНОМАИ НАВИ ГРАНТИЮ ҚАРЗӢ БО БАТР

(Идома аз саҳ. 3)

Лоиҳаи қонуни мазкур бо мақсади мутобиқ намудан ба муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» таҳия гардидааст. Лоиҳаи қонуни зикргардидаро кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон ҷонибдорӣ намуданд. Он ба моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ мебошад. Хоҳиш менамоям, ки ба тарафдории он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйирот ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ» оғоз менамоем. Аз рӯйи масъалаи мазкур сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Парвиз Шодизода дода мешавад. Марҳамат.

**Парвиз ШОДИЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Дилшод Раҳмон, Низом Қосим ва Мурод Шукурзода таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 феврали соли 2024, таҳти №2061 барои додани хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ»-ро мавриди омӯзиш қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуда, ҳамзамон, ҷиҳати такмили он 37 таклиф пешниҳод намудаанд, ки аз онҳо 19 таклиф қабул, 13 таклиф қисман қабул шуда, 5 таклифи дигар қабул нагардид.

Дар маҷмӯъ, ба ҳафт моддаи қонуни амалкунанда тағйиру иловаҳо ворид шуданд. Тибқи тағйиру иловаҳои пешниҳодшуда мафҳуми «кумакҳои унвонии иҷтимоӣ» мушаххас ифода гардида, дар қисмҳои 2 ва 4 моддаи 11, сархати ҳафтуми қисми якуми моддаи 13 мухолифати меъёрҳои дохилии қонун бартараф шудаанд. Ба моддаи 10 қонун қисми 3 илова гардидааст, ки он вобаста ба таҳия, тасдиқ ва нашри ҳуҷҷатҳои зарурӣ барои гирифтани кумакҳои унвонии иҷтимоӣ мебошад. Дар дигар мавриднизҳо, тағйироту иловаҳои пешбининамуда хусусияти муайянкунанда, мутобиқкунанда ва таҳририӣ дошта, бо мақсади бартараф намудани мухолифату норасоиҳои ҷойдошта, риояи имло, техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, мутобиқгардонии меъёрҳои моддаҳои зикргардида ба талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ равона шудаанд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ» мувофиқ ба раванди рушди низоми қонунгузории кишвар, мутобиқ ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда мухолифат надорад ва аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб намекунад. Хоҳиш менамоям, ки барои қабули он овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи кумакҳои унвонии иҷтимоӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон» оғоз менамоем. Аз рӯйи масъалаи мазкур сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ Солеҳа Холмаҳмадзода дода мешавад. Марҳамат.

**Солеҳа ХОЛМАҲМАДЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон» мутобиқи муқарраroти моддаи 58 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 12 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Аҳмадзода, М. Гулзода, М. Набизода ва М. Шукурзода таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 феврали соли 2024, таҳти №2062 барои додани хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ ба раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон»-ро мавриди омӯзиш қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуданд.

Тибқи тағйиру иловаҳои пешниҳодшуда ба лоиҳаи қонун моддаи 6 сархати чорум, ки мафҳуми **«**собиқадорон**»**-ро муқаррар менамояд, илова карда шуда, меъёрҳо дар қисми якуми моддаи 8, қисмҳои якум ва дуюми моддаи 13, моддаҳои 18-20 дар таҳрири нав ифода карда шуда, як қатор меъёрҳои он бо меъёрҳои Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон **«**Дар бораи мукофотҳои давлатӣ**»** мутобиқ гардонида мешаванд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон» мувофиқ ба раванди рушди низоми қонунгузории кишвар, мутобиқ ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад ва аз буҷети давлатӣ маблағгузории иловагиро талаб намекунад. Хоҳиш менамоям, ки барои қабули он овоз диҳед

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи собиқадорон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» оғоз менамоем. Аз рӯйи масъалаи мазкур сухан ба раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нуриддин Саид дода мешавад. Марҳамат.

**Нуриддин САИД:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Мусаллам аст, ки бо шарофати соҳибистиқлолии кишвар ва ҳидояту дастгириҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар мамлакат корҳои бузурги созандагию бунёдкорӣ сатҳу сифати нав касб намуда, Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳон ҳамчун мамлакати ташаббускор шинохта шуд.

Имрӯз дар баробари дигар соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат дар самти рушду инкишофи воситаҳои ахбори омма, бахусус, телевизион ва радио, низ дар кишвар қадамҳои устувор гузошта шуданд. Агар дар даврони то истиқлол дар мамлакат як шабакаи миллии телевизионӣ ва радиоӣ амал мекард, бо таваҷҷуҳ ва дастгириҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои соҳибистиқлолӣ теъдоди шабакаҳои телевизионии давлатӣ ба 15 ва радиоӣ ба 10 расонда шуд, ки ин дастоварди бузург боиси таҳсину ифтихор аст.

Истиқлолият барои рушди телевизиони миллӣ давраи навро ба миён овард. Солҳои истиқлолият таҳаввулоти сохторӣ, кадриву техникӣ, давраи нави рушди фаъолияти эҷодиву техникии телевизиони миллӣ ба шумор меравад. Дар ин давра, низоми нави телевизионҳои давлатии Тоҷикистон ташкил ва тақвият ёфт, рақобати эҷодӣ барномаҳои тоза ва гуногунжанрро ба миён овард.

Ҳамин тариқ, телевизиони Тоҷикистон тӯли фаъолияти худ ба як сохтори мукаммалу муқтадир ва як ниҳоди пешбарандаи идеологияи давлатӣ мубаддал гардид. Телевизион ҳамчун воситаи афкорсоз бо таҳияи барномаҳои тарғибкунандаи забону фарҳанг, урфу одат ва муқаддасоти миллӣ метавонад ба равоният, ҳиссиёт ва рафтору маънавияти табақаҳои гуногуни ҷомеа таъсир расонад.

Бо шарофати истиқлолият шумораи телевизионҳои миллӣ афзоиш ёфта, имрӯз аксарияти шабакаҳои телевизионии мо 24 соат барнома пахш менамоянд. Барномаҳои телевизионҳои миллии мо дар 50 кишвари ҷаҳон тавассути моҳвора дастрас аст. Ҳоло дар ҷумҳурӣ 101 шабакаи телевизионӣ, радиоӣ ва студияҳои истеҳсоли маҳсулоти аудиовизуалӣ амал мекунанд. Аз ин шумора, 15 телевизиони давлатӣ, 10 радиои давлатӣ, 18 телевизиони хусусӣ, 16 телевизиони ноқилӣ, 4 телевизиони IP, 24 радиои хусусӣ ва 14 студияи истеҳсоли маҳсулоти аудиовизуалӣ мебошанд.

Айни замон, танҳо дар низоми сохтории телевизион ва радиои давлатӣ наздики 4 ҳазор кормандӣ эҷодию техникӣ ва маъмурӣ фаъолият менамоянд. Дар шабакаҳои хусусии радиотелевизионии кишвар бошад, бештар аз 600 нафар хидмат менамоянд, ки барои ҳамаи ин нафарон таъсиси рӯзи касбӣ боиси рӯҳбаландӣ хоҳад шуд.

Ҳарчанд таваҷҷуҳ ба телевизион рӯз то рӯз бештар мегардад, вале то ҳол Рӯзи телевизион дар кишвари мо расман ба рӯйхати идҳои касбӣ дохил нашудааст, ҳол он ки 7 май ҳамасола дар ҷумҳурӣ Рӯзи кормандони соҳаи радио ва алоқа таҷлил мешавад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ, ки сиёсати ягонаи давлатиро дар соҳаи телевизион ва радио амалӣ менамояд, дар қатори соҳаи радио ва алоқа ворид шудани рӯзи кормандони соҳаи телевизионро ба феҳрасти рӯзҳои ид ё худ рӯзҳои касбӣ мувофиқи мақсад мешуморад.

Аз ин рӯ, пешниҳод менамоям, ки дар сархати бисту панҷуми моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид», баъд аз калимаи «Рӯзи» калимаи ва аломати вергул «телевизион,» илова шавад. Яъне, 7 май дар баробари соҳаи алоқа ва радио кормандони телевизион низ тавонанд рӯзи касбии худро таҷлил намоянд.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мутобиқ буда, аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб наменамояд. Ин тадбир боиси ҳамбастагии бештари телевизионҳои Тоҷикистон шуда, саҳми онҳоро дар тарғиби сиёсати хирадмандонаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳифзи манфиатҳои миллӣ, милликунонии фазои расонаии мамлакат, тарғиби дастовардҳои замони истиқлол ва таҳкими рукнҳои давлатдорӣ афзунтар хоҳад кард, зеро ҳифзи амнияти иттилоотии мамлакат ҳифзи сарватҳои маънавии кишвар ба ҳисоб рафта, забон, фарҳанг, таърих, анъанаҳои мардумӣ, муқаддасоти миллӣ ва дастовардҳои замони соҳибистиқлолӣ моро ба мисли сипари боэътимод аз таҳдиду хатарҳои раванди ҷаҳонишавӣ эмин нигоҳ медорад.

Муҳтарам вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ, дастгирии шумо бобати қабули ин пешниҳод туҳфаи арзишманд барои кормандони соҳа буда, масъулият ва талошҳои онҳоро дар самти тарғибу ташвиқи сиёсати давлату Ҳукумати кишвари азизамон боз ҳам тақвият хоҳад бахшид.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Сарвиноз Маҷидзода дода мешавад. Марҳамат.

**Сарвиноз МАҶИДЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Тибқи лоиҳаи қонуни мазкур ба моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» пас аз калимаи «Рӯзи» илова шудани калимаи «телевизион» пешбинӣ шудааст, ки минбаъд ҳамасола 7 май дар баробари рӯзи радио ва кормандони соҳаҳои алоқа, ҳамчунин, рӯзи телевизион низ ҷашн гирифта мешавад.



Лоиҳаи қонуни мазкур тамоми расмиёти дохилиро дар асоси муқаррароти Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштааст.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ба боби 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва боби 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мухолифат надорад. Хоҳиш менамоям, ки ба ҷонибдории лоиҳаи қонуни мазкур овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС**: - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ғалла ва маҳсулоти коркарди он» шурӯъ мекунем. Аз рӯйи масъалаи мазкур сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Мавзуна Шамсиддинзода дода мешавад. Марҳамат.

**Мавзуна ШАМСИДДИНЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ғалла ва маҳсулоти коркарди он» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Мавзуна Шамсиддинзода, Мирзоанвар Ахмедов ва Файзулло Қосимӣ таҳия гардидааст.

Мақсад аз пешниҳоди лоиҳаи қонуни мазкур мутобиқгардонии меъёрҳои қонуни амалкунанда ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «Дар бораи карантин ва муҳофизати растаниҳо», «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» иборат мебошад. Вобаста ба ин, мафҳуми «бозори ғалла» ба моддаи 1, сархатҳои нав ба қисмҳои 1 ва 2 моддаи 7 илова ва дар моддаҳои 1, 2, 14, 16 таҳрир шудаанд. Ҳамзамон, ба моддаҳои 1, қисмҳои 2 ва 3 моддаи 9, қисми 3 моддаи 19, қисми 2 моддаи 16 ва моддаи 21 ворид намудани тағйирот пешбинӣ гардидаанд.

Лоиҳаи қонун расмиёти дохилиро тибқи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузашта, ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надошта, амалӣ намудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб наменамояд. Хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ғалла ва маҳсулоти коркарди он»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба муовини вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон Машокир Назарзода дода мешавад. Марҳамат.

**Машокир НАЗАРЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ғалла ва маҳсулоти коркарди он» бо ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади мукаммалгардонӣ ва мушаххасу саҳеҳ гардондани меъёрҳои қонуни мазкур таҳия шудааст.

Тағйиру иловаҳое, ки дар лоиҳаи баррасишаванда пешбинӣ гардидаанд, ба танзими муносибатҳо дар самти ғалла ва маҳсулоти коркарди он имконият медиҳанд.

Тағйироти дар қисми якум ва дуюми моддаи 1 лоиҳаи қонун пешбинишуда бо мақсади ба талаботи забони давлатӣ ва техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мутобиқ намудани муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ғалла ва маҳсулоти коркарди он» таҳия гардидааст.

Дар қисми сеюми лоиҳаи қонун ҷиҳати муайян ва мушаххас намудани меъёри қонун дар моддаи мазкур калимаҳои «сохтори истеҳсолии ғалла» ба калимаҳои «таркиби ғаллаи истеҳсолшаванда» иваз шудаанд.

Қисматҳои чорум ва панҷуми лоиҳаи қонун хусусияти таҳририю мутобиқнамоиро доро мебошад.

Дар қисмҳои шашум, ҳафтум, ҳаштум, нуҳум ва даҳуми лоиҳаи қонун бо мақсади якхела ва мутобиқ ба дигар санадҳои қонунгузорӣ муайян намудани меъёрҳои қонун тағйиру иловаҳои дахлдор ворид карда шудааст.Хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ғалла ва маҳсулоти коркарди он» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ғалла ва маҳсулоти коркарди он» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооти экологӣ» оғоз менамоем. Аз рӯйи масъалаи мазкур сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои аграрӣ, захираҳои об ва замин Мирзоанвар Ахмедов дода мешавад. Марҳамат.

**Мирзоанвар АХМЕДОВ:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооти экологӣ», ки бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз тарафи вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Рустам Латифзода, Мирзоанвар Ахмедов ва Фазлиддин Икромӣ пешниҳод гардидааст, манзур мегардад.

Мақсад аз пешниҳоди лоиҳаи қонун мутобиқ гардондани меъёрҳои қонуни амалкунанда ба муқаррароти Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» ва «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Лоиҳаи қонун расмиёти дохилиро тибқи Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаштааст. Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон дар хулосаҳо лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, 12 таклиф пешниҳод намуданд, ки аксари онҳо барои такмили лоиҳаи қонун истифода гардид.

Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мухолифат надорад ва амалӣ намудани он аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб намекунад.

Хоҳиш менамоям, ки қабули лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооти экологӣ»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба муовини якуми раиси Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Зарафо Қиёмзода дода мешавад. Марҳамат.

**Зарафо ҚИЁМЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооти экологӣ» бо мақсади мутобиқ намудани меъёрҳои қонуни амалкунанда ба талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» таҳия гардидааст. Ҳамзамон, ҷиҳати мутобиқ намудани муқаддимаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооти экологӣ» ба талаботи моддаи 43 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» тағйиру иловаҳо ворид гардида, мазмуни онро пурра ва мушаххас менамояд.

Инчунин, аз сархати якуми моддаи 1-уми қонун мафҳуми иттилоот хориҷ шудааст, зеро мафҳуми иттилоот дар қонунгузории соҳаи иттилоот пешбинӣ гардида, такроран дар қонуни мазкур ҷой додани он зарур набуда, бо мақсади пешгирии такрорёбии меъёрҳо дар қонунгузорӣ хориҷ гардидааст.



Яке аз масъалаҳои муҳим дар лоиҳаи қонун ин пешниҳод гардидани мафҳуми иттилооти экологӣ дар таҳрири нав мебошад. Иловаи мазкур бо мақсади пурра намудани мафҳуми иттилооти экологӣ ва ҳамзамон, мутобиқ гардонидани он ба яке аз қонунҳои асосии соҳаи ҳифзи муҳити зист - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маҳсуб меёбад.

Инчунин, ба сархати ёздаҳуми қисми 3, моддаи 5-и қонун масъалаи амалӣ намудани фаъолият вобаста ба додани иҷозатнома ва ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ пешбинӣ шудааст, ки меъёри мазкур ҷиҳати мутобиқ намудан ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ» равона гардидааст. Ҳамчунин, ба моддаҳои 2, 5, 6, 8, 12, 14-и қонун баъзе тағйироту иловаҳо ворид гардидааст, ки бо мақсади истифодаи дурусти истилоҳоти ҳуқуқӣ, мушаххас намудани меъёрҳои қонун ва мутобиқ намудан ба талаботи қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, инчунин, бо назардошти муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» пешбинӣ шудааст.

Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои такмили қонуни мазкур сипосгузор буда, хоҳиш менамоем, ки барои қабули лоиҳаи қонуни мазкур овоз диҳед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооти экологӣ» ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйироту илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилооти экологӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Дар хусуси тағйироту илова ба моддаи VI ва моддаи XIV.A Оинномаи Агентии байналмилалии неруи атомӣ» шурӯъ мекунем. Аз рӯйи масъалаи мазкур сухан ба ноиби президенти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Илҳом Амонзода дода мешавад. Марҳамат.

**Илҳом АМОНЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тасдиқи тағйироту илова ба моддаи VI ва моддаи XIV.A Оинномаи Агентии байналмилалии неруи атомӣ бо мақсади иҷрои дастури роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (№32/10-31100 аз 08.09.2023) омода шудааст.

Оинномаи Агентии байналмилалии неруи атомӣ, ки 26 октябри соли 1956 қабул шудааст, аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон 29 июни соли 2001, ('№ 359 ) бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ратификатсия гардидааст.

Маврид ба қайд аст, ки ба матни ҷории Оинномаи Агентии байналмилалии неруи атомӣ тибқи талаботи моддаи 18 оинномаи мазкур, се маротиба ислоҳ шудааст. Ин ислоҳот ба моддаи VI Оинnoма марбут буда, аллакай эътибор пайдо кардаанд.

(Давомаш дар саҳ. 5)

# ТАСДИҚИ 4 СОЗИШНОМАИ НАВИ ГРАНТИЮ ҚАРЗӢ БО БАТР

(Идома аз саҳ. 4)

1 октябри соли 1999 дар иҷлосияи 43-юми навбатии Конфронси генералии Агентии байналмилалии неруи атомӣ ду тағйироти иловагӣ ба моддаҳои VI ва XIV.A оинномаи мазкур ворид ва қабул гардидаанд ва барои эътибор пайдо кардани он бояд аз се ду ҳиссаи тамоми давлатҳои аъзо тибқи талаботи қонунгузориашон ин тағйиротро кабул кунанд. Тағйирот ба моддаи VI-и оинннома иваз шудани ҳайати Шурои мудирони Агентии байналмилалии неруи атомӣ (аз 10 нафари мавҷуда ба 22 нафар) ва моддаи XIV.A оинннома ивази низоми мавҷудаи буҷаи солонаи хароҷоти Агентии байналмилалии неруи атомиро пешбинӣ менамояд (аз низоми яксола ба низоми буҷаи дусола). Бо ин мақсад, лоиҳаи қарори мазкур таҳия ва барои баррасию дастгирӣ ба шумо пешниҳод карда шудааст. Хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи қарори мазкурро дастгирӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия Рустам Раҳматзода дода мешавад. Марҳамат.

**Рустам РАҲМАТЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилон ва ҳозирини гиромӣ!**

Тағйироту илова ба моддаи VI ва моддаи XIV.A Оинномаи Агентии байналмилалии неруи атомӣ 1 октябри соли 1999 аз ҷониби Конференсияи генералии Агентии байналмилалии неруи атомӣ қабул гардида, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст.

Бо Қарори Шурои Маҷлиси намояндагон тағйироту иловаи мазкур барои баррасӣ ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба энергетика, саноат, сохтмон ва коммуникатсия супорида шуд.



Дар иҷлосияи 43-юми навбатии Конфронси генералии Агентии байналмилалии неруи атомӣ 1 октябри соли 1999 ворид намудани ду ислоҳи иловагӣ ба моддаҳои VI ва XIV.A оинномаи мазкур қабул гардидаанд, ки ивази теъдоди ҳайати Шурои мудирон ва иваз гардидани низоми мавҷудаи буҷаи солонаи хароҷоти Агентии байналмилалии неруи атомиро ба низоми буҷаи дусола пешбинӣ менамояд. Гарчанде ислоҳоти мазкур аз ҷониби иҷлосияи 43-юми навбатии Конфронси генералии Агентии байналмилалии неруи атомӣ соли 1999 пазируфта шуда бошад ҳам, вале тибқи банди C-и моддаи XVIII-и оинномаи он, ҳанӯз эътибор пайдо накардааст.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон тағйироту илова ба Оинномаи Агентии байналмилалии неруи атомиро ҷонибдорӣ намуданд.

Тағйироту иловаи баррасишаванда ба моддаи 57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқ мебошанд.

Хоҳиш менамоям, ки тағйироту иловаро ба моддаи VI ва моддаи XIV.A Оинномаи Агентии байналмилалии неруи атомӣ ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар хусуси тағйироту илова ба моддаи VI ва моддаи XIV.A Оинномаи Агентии байналмилалии неруи атомӣ» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС:** - Ба баррасии масъала «Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» оғоз менамоем. Аз рӯйи масъалаи мазкур сухан ба ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Эмомалӣ Насриддинзода дода мешавад. Марҳамат.

**Эмомалӣ НАСРИДДИНЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Раёсати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳамкориҳои судманд ва самарабахш дар пешбурди фаъолияти таълимӣ, илмӣ, тарбиявӣ ва байналмилалии донишгоҳ, ширкат ва маъруза намудани вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар чорабиниҳои илмии сатҳи гуногуни Донишгоҳи миллӣ, ки дар партави сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳандозӣ мегарданд, изҳори сипос менамояд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст. Лоиҳаи қонуни зикргардида бо мақсади дар амал татбиқ шудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 феврали соли 1997 таҳти №699 «Дар бораи статуси Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон», баланд бардоштани сатҳ ва сифати таҳсилот дар кишвар ва пажӯҳиши илмии мавзуъҳои рӯзмарра ва барои рушди иқтисодиёти Тоҷикистон нигаронидашуда, мувофиқ намудани мақоми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба талаботи байналмилалии таҳсилот, таъмини рақобатпазирии он дар минтақа ва ҷаҳон, ҳамчунин, омода намудани кадрҳои баландихтисос ва посухгӯ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ таҳия шудааст. Ёдовар мешавем, ки чунин таҷриба, яъне қабули қонун нисбат ба мавқеи махсуси муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар давлатҳои муштаракулманофеъ, ба монанди Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Қазоқистон мавҷуд мебошад, ки дар рушди таҳсилоти олии касбӣ, пажӯҳишҳои илмӣ, муносибатҳои байналмилалӣ ва маблағгузории ин донишгоҳҳо нақши такондиҳанда бозиданд.

Лоиҳаи қонуни мазкур фарогири 3 боб ва 14 модда буда, асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва идоракунии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро муайян намуда, самтҳои фаъолият ва таъминоти молиявии онро муқаррар менамояд.

Боби 1 «Муқаррароти умумӣ» ном дошта, аз 2 модда иборат мебошад ва муносибатҳое, ки бо қонуни мазкур танзим мешаванд ва қонунгузорӣ дар бораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро муайян мекунад.

Боби 2 «Вазъи ҳуқуқӣ ва фаъолияти Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ном дошта, калонтарин бобҳои лоиҳаи қонун маҳсуб мешавад, ки фарогири 10 модда буда, мақоми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муассиси он, худмухтории донишгоҳро дар самтҳои таълимию методӣ, илмию таҳқиқотӣ, тарбиявӣ, равобити байналмилалӣ ва муносибатҳои молиявию иқтисодӣ, фаъолият, сохтор, оинннома ва маълумотҳои муҳими онро танзим менамояд.

Боби 3 «Муқаррароти хотимавӣ» номгузорӣ шуда, аз 2 модда иборат мебошад ва масъалаҳои ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи қонуни мазкур ва тартиби мавриди амал қарор додани онро муқаррар кардааст.

Хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон Гавҳар Шарофзода дода мешавад. Марҳамат.

**Гавҳар ШАРОФЗОДА:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» бо тартиби ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади мувофиқ намудани мақоми муассисаи мазкур ба талаботи байналмилалии таҳсилот, таъмини рақобатпазирии он дар минтақа ва ҷаҳон, ҳамчунин, омода намудани кадрҳои баландихтисос ва ҷавобгӯй ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ таҳия гардидааст.

Лоиҳаи қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва идоракунии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро муайян намуда, самтҳои фаъолият ва таъминоти молиявии онро муқаррар менамояд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» мутобиқи Қарори Шурои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 майи соли 2024 барои баррасӣ ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон ва барои пешниҳоди хулосаи ҳуқуқӣ ба кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон супорида шуд. Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагон лоиҳаи қонуни мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ҷиҳати такмили он 26 таклиф пешниҳод намуданд.

Кумитаи масъул 5 июни соли 2024 бо иштироки муовини Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон М. Муинӣ, намояндагони кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва раёсати ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонунро муҳокима ва ҷонибдорӣ намуданд. Лоиҳаи қонуни мазкур ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ буда, аз буҷети давлатӣ маблағи иловагиро талаб наменамояд. Хоҳиш менамоям, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон»-ро ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС:** - Ба маърӯзачӣ савол ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест?

Лоиҳаи мазкур қонуни мукаммал аст, мутобиқи банди 337 Дастури Маҷлиси намояндагон боб ба боб ва модда ба модда ё ин ки яклухт қабул карда шавад?

Пешниҳод аст, ки яклухт қабул карда шавад.

*Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» яклухт ба овоз монда шуда, қонун қабул гардид.*

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба қабул кардани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалаҳое, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буданд, баррасӣ шуданд. Доир ба рафти ҷаласа эроду пешниҳод ҳаст? Нест.

Барои иштироки фаъолона миннатдорӣ намуда, ҷаласаро пӯшида эълон менамоям.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

(Идома аз саҳ. 1)

Тибқи нақшаи пешакӣ тарҳрезишуда онҳо мехостанд дар кӯтоҳтарин муҳлат дар чанд гӯшаю канори мамлакат вазъи ҷамъиятӣ-сиёсиро ноором сохта, бо роҳи ғасби биноҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои ҳарбӣ силоҳу аслиҳа тасарруф намуда, ҳокимияти давлатиро зӯран сарнагун намоянд.



# ВАКИЛИ МАҶЛИСИ НАМОЯНДАГОН АЗ ҲУҚУҚИ ДАХЛНОПАЗИРӢ МАҲРУМ КАРДА ШУД

Усмонзода С.У. барои содир намудани ин ҷиноят аз намояндаи яке аз давлатҳои хориҷӣ барои ҷалби шахсони бонуфуз ва ташкил кардани гирдиҳамоиҳо 10 млн. доллар (ИМА) хоҳиш намудааст.

12 июни соли 2024 нисбати Усмонзода С.У. ва дигарон парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, номбурда ҳамчун гумонбар дастгир карда шуд.

Гуноҳи Усмонзода С.У. бо маводҳои парвандаи ҷиноятӣ, аз ҷумла нишондоди худиқрорӣ, яъне бо гуноҳи худ пурра иқрор будан, сабти навор ва гуфтугӯҳо, нишондоди шоҳидон ва дигар далелҳои бебаҳс пурра тасдиқи худро ёфтааст.

**Муҳтарам вакилон!**

Усмонзода С.У. вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, мақоми вакилиаш то соли 2025 эътибор дорад.

Тибқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва татбиқ намудани чораи пешгирии дар намуди дар ҳабс нигоҳ доштани ӯ ҳамчун вакил розигии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст.

Аз ин рӯ, бо эҳтиром хоҳиш менамоям, оид ба ин масъала розигӣ дода шавад.

**РАИС:** - Сухани навбатӣ ба раиси Комиссияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба одоби вакилон Файзулло Баротзода дода мешавад. Марҳамат.

**Файзулло БАРОТЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Дар баррасии мо маҳрум кардан аз ҳуқуқи дахлнопазирӣ ва додани розигӣ барои ба ҳабс гирифтани вакили Маҷлиси намояндагон Усмонзода Саидҷаъфар Усмон қарор дорад. Дар таҷрибаи қонунгузорӣ тартиб ва механизми баррасии чунин масъалаҳо вуҷуд дорад.



Мутобиқи талаботи моддаи 51 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон ҳуқуқи дахлнопазирӣ доранд. Моддаи 34 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон» ин ҳуқуқи конститутсионии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагонро танзим намуда, моддаи 35 ҳамин қонуни конститутсионӣ тартиби гирифтани розигӣ барои ба ҷавобгарӣ кашидани узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагонро ба танзим даровардааст.

Дар Дастури Маҷлиси намояндагон низ як боб ба тартиби аз ҳуқуқи дахлнопазирӣ маҳрум намудани вакили Маҷлиси намояндагон бахшида, дар он тамоми ҷузъиёти ин раванд возеҳу равшан нишон дода шудааст.

Ҳуқуқи дахлнопазирӣ яке аз ҳуқуқҳои конститутсионии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон буда, маҳрум намудан аз он танҳо бо асосҳои пешбининамудаи Конститутсия ва қонуни конститутсионии зикршуда мумкин аст. Тавре аз маводҳои ба мо пешниҳодшуда бармеояд, Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳод дар бораи маҳрум намудан аз ҳуқуқи дахлнопазирӣ ва додани розигӣ барои ба ҳабс гирифтани вакили Маҷлиси намояндагон ба Маҷлиси намояндагон муроҷиат намудааст ва тартибе, ки Конститутсия ва қонуни конститутсионии мазкур пешбинӣ намудааст, риоя гардидааст. Аз ин рӯ, вакилони арҷманд, аз шумо бо эҳтиром хоҳишмандем барои қонеъ гардонидани пешниҳоди Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати аз ҳуқуқи дахлнопазирӣ маҳрум кардани вакили Маҷлиси намояндагон ва додани розигӣ барои ба ҳабс гирифтани Усмонзода С. овоз диҳед.

**РАИС: -** Ба маърӯзачӣ савол ё пешниҳод ҳаст? Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад?

Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон Равшан Раҷабзода дода мешавад. Марҳамат.

**Равшан РАҶАБЗОДА:**

**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар



бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолиятро ба роҳ мемонад. Масъалаи дахлнопазирии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро қонунгузории амалкунадаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст. Аз ҷумла, мувофиқи моддаи 51 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон ҳуқуқи дахлнопазирӣ дорад, ӯро ҳабс кардан, дастгир кардан, маҷбуран овардан, кофтуков кардан мумкин нест, ба истиснои дастгир шуданаш дар ҷойи содири ҷиноят. Узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон, ҳамчунин, мавриди кофтукови шахсӣ қарор дода намешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун барои таъмини амнияти дигарон муқаррар намудааст. Масъалаи маҳрум намудани дахлнопазирии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон бо пешниҳоди Прокурори генералӣ аз ҷониби маҷлиси дахлдор ҳал карда мешавад.

Ҳамчунин, мутобиқи қисмҳои якум ва дуюми моддаи 35 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» масъалаи маҳрум намудани дахлнопазирии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон бо пешниҳоди Прокурори генералӣ аз ҷониби маҷлиси дахлдор ҳал карда мешавад.

Барои узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагонро ҳабс кардан Прокурори генералии Тоҷикистон ба маҷлиси дахлдор бо пешниҳод муроҷиат менамояд.

Аз маводи пешниҳоднамудаи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки нисбати Усмонзода С. У. – вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қисми 2 банди «в» моддаи 306 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шудааст. Қайд кардан зарур аст, ки дар асоси қисми 5 моддаи 18 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноятҳои дар боби 29 кодекси мазкур пешбинишуда ба категорияҳои ҷиноятҳои махсусан вазнин дохил мешаванд. Аз ин лиҳоз, вакилони арҷманд, аз шумо бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки пешниҳоди Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистонро доир ба масъалаи баррасишаванда ҷонибдорӣ намоед.

**РАИС: -** Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад?

Сухан ба раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Рустам Шоҳмурод дода мешавад. Марҳамат.

**Рустам ШОҲМУРОД:**



**- Муҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Дахлнопазирии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз падидаҳои марказии таъмини фаъолияти узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон мебошад. Ин ҳуқуқ аз низоми конститутсионии намояндагии халқ ба миён меояд, зеро узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси хусусӣ нестанд, онҳо намояндагони халқ ба ҳисоб мераванд.

Мутобиқи моддаи 6 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин низом бо мақсади таъмини мустақилияти парламенти ҷумҳурӣ мустаҳкам шудааст.

Албатта, дахлнопазирии вакил ин дахлнопазирии мутлақ нест ва фаъолияти ӯ бояд дар асоси қонунҳои амалкунанда ба роҳ монда шавад. Дар Конститутсия ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ин нукта баръало дарҷ гардида, тартиби махсуси ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ё маъмурӣ кашидани узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон мустаҳкам карда шудааст.

Имрӯз мутобиқ ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба маҳрум намудани дахлнопазирии вакил Усмонзода С. ва асосҳои пешниҳоди мазкур ба самъи вакилони Маҷлиси намояндагон расонида шуд. Бо дарназардошти ҷиддияти масъалаи баррасишаванда ва мутобиқати баррасии он ба Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз шумо – вакилони муҳтарам хоҳиш менамоям, ки барои қабули қарори пешниҳодшуда овоз диҳед.

**РАИС:** - Боз кӣ хоҳиши баромад кардан дорад? Нест.

**Вакилони арҷманд!**

Чаҳорчӯба ё худ меъёри дахлнопазир будани ҳуқуқи мо – вакилон тибқи талаботи қонунгузории кишвар муайян гардидааст. Хотирнишон менамоям, ки фаъолият ва рафтору гуфтори на танҳо вакил, ҳар як шаҳрванд дар доираи қонунҳои амалкунанда санҷида ва нисбат ба он хулосабарорӣ карда мешавад.

Албатта, таҳаммул кардани кирдоре, ки шаъну эътибори вакилро паст мезанад, бисёр сангин ва нанговар аст.

Вакилони арҷманд, он боварие, ки интихобкунандагон нисбати мо - вакилон доранд, ба он сазовор будан лозим аст.

Ин ҳодисаи нангин мо - вакилони Маҷлиси намояндагонро ҳушдор медиҳад, ки ҳушёру зирак бошем, ба қадри сулҳу субот, оромии ҷомеа ва боварии интихобкунандагони худ расем ва дар кадом ҳолате набошем, ҳеҷ гоҳ ба Пешвои маҳбубу муаззами миллат, Ватану миллати худ хиёнат накунем, балки аз ҳарвақта бештару хубтар муттаҳид бошему бо пайгирии сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои боз ҳам ободу зебо гардондани Ватани аҷдодиамон тамоми кӯшишу ғайратамонро сафарбар намоем.

Умед дорам, ки чунин ҳолат дигарбора дар таърихи мақоми олии қонунгузори кишвар такрор нахоҳад ёфт.

**Вакилони муҳтарам!**

Асосҳои дар пешниҳоди Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон овардашударо ҷонибдорӣ намуда, аз шумо бо эҳтиром хоҳиш менамоям, ки ба тарафдории қарори Маҷлиси намояндагон овоз диҳед.

*Лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба пешниҳоди Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба овоз монда шуда, қарор тасдиқ гардид.*

**РАИС: - Вакилони муҳтарам, ҳозирини гиромӣ!**

Масъалае, ки ба рӯзномаи ҷаласа пешбинӣ гардида буд, баррасӣ шуд. Доир ба рафти ҷаласа эроду пешниҳод ҳаст? Нест.

Барои иштироки фаъолона изҳори миннатдорӣ намуда, ҷаласаро пӯшида эълон менамоям.

**Шариф АТОБУЛЛОЕВ,**
**«Садои мардум».**
**Суратгир Неъматулло АЛИЕВ**

# БА ДОНИШ РАВОНРО ТАВОНГАР КУНЕД

**Яке аз донишмандони факултети забон ва адабиёти тоҷики Донишгоҳи Кӯлоб дар солҳои ҳафтодуми асри гузашта устод Рустам Ҷӯраев буд. Хатмкардаи факултети шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Санкт-Петербург.**



Дар бораи эшон мо донишҷӯён маълумоти кофӣ надоштем. Тибқи шуниди мо, гузаштагони ӯ аз ноҳияи Ашт будаанд.

Баъзеҳо мегуфтанд, ки Рустам Ҷӯраев баъди бо баҳои аъло хатм кардани донишгоҳи машҳур ба кор ба факултети шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон даъват шудааст. Он ҷо чанд муддат фаъолият кардааст. Баъдан, ба ҳайси тарҷумон дар Сафорати Иттиҳоди Шуравӣ дар Афғонистон фаъолият намудааст. Аммо дар Кобул бо роҳбараш созомадӣ накардааст. Аз сафорат бозхонд шудааст.

Ҳамин тариқ, Рустам Ҷӯраев мармуз, ба кадом сабабе ба кор ба Донишгоҳи Кӯлоб фиристода шуда буд. Мо тааҷҷуб мекардем, ки он чӣ рӯзгори носозгор будааст. Вагарна нобиғае мисли ин шахсияти нотакрор ҷойи худро дар донишгоҳи музофотӣ намедид.

Рустам Ҷӯраев марди миёнақад, фарбеҳ, рӯйи борик, чашмони ориёӣ, бинии баланд, лабони тунук, пешонии васеъ, мӯйи сари сиёҳ дошта, қисмати пеши сараш каммӯй гашта бошад ҳам ба салобат ва мартабаи хиради ӯ мувофиқ меафтод.

Овози ҷолиб дошт. Мисли наттоқони радио, ки хабарҳои расмиро қироат мекарданд, суханварӣ мекард. Паст гап занад ҳам, нутқаш ниҳоят ҷолиб буд. Ҳама ба мантиқи сухани ӯ гӯшу ҳуш мешуданд. Мефаҳмиданд, ки моҳияти ифодаи мавзуъ то кадом дараҷа дар нодирагӯӣ ва маъниофаринии устод тавсиф ва тафсир меёбад. Чунон забони бой дошт, ки «суханро боло бурда, рӯйи курсӣ менишонд».

Рафтор ва қадаммонии босалобат дошт. Дар байни муаллимон фарқ мекард. Аз рӯи дониш ва хиради, ки бар устод насиб гашта буд, ҳама ба ӯ бо эҳтироми махсус муносибат мекарданд.

Минбаъд ҳам, ҳангоми таҳсил дар аспирантура, докторантура, фаъолияти илмӣ, курсу семинарҳо ва таҳсил дар мактабҳои хориҷӣ ман мисли Рустам Ҷӯраев шахсияти ҳамсони ӯро дар манзалати маърифатнокӣ, донишмандӣ ва шаҳодатномаи муаллимӣ надидам.

Баъди чанд муддате аз муаллими одӣ Рустам Ҷӯраев мудири кафедраи забони русии байнифакултетии Донишгоҳи Кӯлоб таъйин шуд.

Дар бахшҳои гуногун, аз ҷумла, дар гурӯҳи махсуси факултети забон ва адабиёти рус, ки он ҷо фақат русзабонҳо таҳсил мекарданд, аз фанни грамматикаи забони русӣ ва аз грамматикаи забони тоҷикӣ дар факултети забон ва адабиёти тоҷик, инчунин, аз грамматикаи муқоисавӣ ҳам барои русҳо бо забони русӣ ва ҳам барои тоҷикон бо забони тоҷикӣ дарс мегуфт.

Тибқи барномаи факултет, ҳар гурӯҳи бисту панҷнафарӣ ба ду зергурӯҳ ҷудо карда шуда буд. Ҳамин тариқ, ин зергурӯҳҳо аз дувоздаҳ, сездаҳ нафарӣ иборат буданд.

Р. Ҷӯраев ба яке аз ин гурӯҳҳо грамматикаи забони тоҷикӣ ва ба зергурӯҳи ҳамин гурӯҳ аз грамматикаи забони русӣ таълим медод.

Самтҳои дарсдиҳии Рустам Ҷӯраев, асосан грамматикаҳои амалии забонҳои русӣ ва тоҷикӣ буданд. Муаллим қоидаҳои морфологӣ ва синтаксисиро дар асоси мафҳумҳои таърихӣ ва замони муосир, тарзи ташаккул ва таҳаввулоти забонҳо шарҳ медод. Даҳҳо мисолҳои гуногун пеш меовард. Онҳоро дар доираи формулаҳои грамматикӣ тафсир ва аз нигоҳи илмӣ пешкаши донишҷӯён мекард.

Албатта, сатҳи дониши илмомӯзон якзайл набуд. Аммо муаллим бо ба инобат гирифтани дараҷаи инкишофи донишҷӯён ҳар як назарияи илмиро батафсил, одӣ, хеле устодона мефаҳмонд. Лекин ӯ, гӯё ҷиддан аҳамият намедод, ки кадом донишҷӯ то кадом дараҷа дарсро аз худ мекунад. Ду-се шунавандаи пешқадамро интихоб мекард. Дараҷаи азхудкунии илмро дар мисоли онҳо месанҷид. Медид, ки интихобкардаҳо ӯро мефаҳманд, иҷроиши барномаҳои дарсиро ба тарзи боварибахш идома медод.

Мо дар гурӯҳи русии Р. Ҷӯраев сабақ мегирифтем.

Дар курси сеюм, аллакай, дефинитсия, истилоҳот ва категорияҳои грамматикаро хуб азбар намуда будем. Фақат донишҳои худро мебоист аз лиҳози амалӣ, дар мисолҳо – матнҳои илмӣ, публитсистӣ ва бадеӣ таҳлил мекардем. Месанҷидем.

Муаллим Р. Ҷӯраев дар зергурӯҳи русии мо, дар муддати навад дақиқа дарсро ба пуррагӣ бо забони адабии русӣ мебурд. Бо ин забон чунон тоза, озодона, ифоданок сухан мегуфт, гумон мекардӣ, ки сухангӯ соҳибзабон аст.

Тасnifи морфологии ин забон, инкишофи онро дар ҷумлаҳои сода ва мураккаби русӣ бо навъи волотарин, ниҳоят фаҳмо шарҳ медод. Бо овардани мисолҳо аз адабиёти бадеии классикӣ ва муосири рус истифодаи категорияҳои грамматикиро исбот мекард.

Мо, донишҷӯёни деҳотии мактаби олии музофотӣ, бо як фарзанди миллати тоҷик, ки аз ноҳияи дурдасти Тоҷикистон ҳамагӣ панҷ сол дар Россия таҳсил кардааст ва ба ин андоза забони хориҷиро аз худ намудааст, ифтихор мекардем. Ба дарсҳои ӯ гӯш меандохтем. Кӯшиш мекардем агар монанд ҳам шуда натавонем, пайрави чунин устод бошем.

Дар байни донишҷӯён ва муаллимони донишгоҳ доимо дар бораи дараҷаи ниҳоят баланди донишҳои илмӣ ва хотираи фавқулодаи муаллим Рустам Ҷӯраев нақлҳои ҷолиб мерафт.

Як сифати махсусан фарққунандаи муаллим Р. Ҷӯраев он буд, ки дар соати аввали дарс ному фамилияи ҳар як донишҷӯро мегирифт. Ба ӯ як дафъа нигоҳ мекард. Баъдан, то хатми донишгоҳ дигар ҳаргиз ному фамилия, дар кадом факултет, курс, гурӯҳ ва зергурӯҳ хондани ӯро фаромӯш намекард.

Чӣ хеле ёдоварӣ шуд, ӯ дар зергурӯҳи мо аз амалияи грамматикаи забони русӣ дарс мегуфт. Ва ҳангоми машғулият ягон калимаи тоҷикиро истифода намебурд. Ҳамин тариқ, дар зергурӯҳи дигар, ки муаллим Р. Ҷӯраев ба онҳо аз грамматикаи забони тоҷикӣ дарс мегуфт, ягон калимаи забони русиро бе зарурати мисол ба ёд намеовард.

Дар хусуси хотираи фавқулодаи муаллим Рустам Ҷӯраев дар байни донишҷӯён ва муаллимон гоҳо нақлҳои ҷолиб роиҷ буд.

Дар гурӯҳи «Б»-и курси сеюми факултети забон ва адабиёт, ки мо дар он таҳсил мекардем, фақат бачаҳо мехонданд. Гурӯҳ ҳама аз деҳоти дури минтақаҳои Кӯлоб, водии Вахш ва водии Рашт ҷамъ омада буд. Ёздаҳ нафар бо баҳои аъло таҳсил мекарданд. Аз ин ҷиҳат, он дар донишгоҳ мақоми аввал дошт. Гурӯҳи моро нимшӯхиву нимҷиддӣ гурӯҳи мунтахаби донишгоҳ ном мебурданд.

Муаллимон, агар нисбат ба мо сахтгир буданд, мо ҳам нисбат ба муаллимон серталабии худро пинҳон намекардем.

Ин серталабӣ ва шӯхиҳои мо гоҳо аз ҳад мегузашт.

Як замон ҳамсабақони мо хостанд фаҳманд, ки дар ҳақиқат муаллим Р. Ҷӯраев хотираи фавқулода дорад? Ҳамаро бо ному фамилия, аз кадом факултет, курс, гурӯҳу зергурӯҳ буданаш мешиносад ё не?

**Дарсҳои Рустам Ҷӯраев оид ба этимологияи муқоисавии гурӯҳи забонҳои ҳиндуаврупоӣ, махсусан, ҷолиби тавaҷҷуҳ буданд.**
**Ӯ бо вуҷуди таҳсил дар шароити берун аз мамлакат, дар дараҷаи аъло донистани забонҳои хориҷӣ, шахсияти ватандӯст ва миллатпарвар буд.**
**Нақши забони тоҷикиро дар ташаккули забонҳои ҳиндуаврупоӣ муҳимтарин омил медонист.**

Бо ин мақсад, ду нафар аз ҳамкурсон Б. Асоев ва С. Бақоев қарор қабул карданд, ки муаллими сахтгир Р. Ҷӯраевро санҷанд. Яке аз рӯзҳои якшанбе дар бозори серодами маркази шаҳри Кӯлоб муаллим Р.Ҷӯраевро диданд, ки растаҳои бозорро тамошо карда, ким-чизеро хариданӣ аст.

Баҳриддин Асоев, ки бо мо дар гурӯҳи русӣ мехонд, ба муаллим Р. Ҷӯраев наздик шуда:

– Салом, муаллим! – гуфта, гузаштанӣ шудааст.

Муаллим Ҷӯраев ба Асоев нимнигоҳ карда, – «Здравствуйте, товарищ Асоев», – гуфта, ба тамошои худ идома додааст.

Бақоев ва Асоев дар тааҷҷуб шуда, муаллимро аз дур ноаён пойидан мегиранд.

Ҳангоми гузаштанаш аз назди магазини тиллофурӯшӣ, ки дар даромадгоҳи бозор воқеъ буд, бо маслиҳати Асоев, ҳамсабақи дигари мо Бақоев, ки дар зергурӯҳи тоҷикӣ мехонд, гӯё бо муаллим ногаҳон вохӯрда бошад, ба ӯ рӯ ба рӯ шуда:

– «Здравствуйте» Рустам Джураевич, – гуфта, эҳтироми санҷишии худро баён карданӣ шудааст.

Муаллим тарафи донишҷӯ як нигоҳ карда:

– Салом, рафиқ Бақоев! – гуфта, гарм посух додааст.

Рӯзи душанбе ҳамсабақони мо ин «вохӯрӣ»-и санҷишии худро ба ҳамкурсон хеле бошавқу завқ ва шефтагӣ нақл карданд.

Муаллим Р. Ҷӯраев дар соли чоруми хониш ба мо аз фанни забоншиносии муқоисавӣ лексия хонд.

То ҳозир ман муътақид ҳастам, ки тамоми лексияҳои муаллим як навъ дарсҳои намунавӣ дар соҳаи забон, аз ҷумла, забоншиносии умумӣ ва фалсафаи забон буданд.

Рустам Ҷӯраев мисли муаллим Иззатулло Тамлихоев бе қаламу коғаз вориди синфхона мешуд. Дар кисаи росташ ҳамагӣ 5-6 карточкаи хурд, дар картони тунуки зарди аз даст бо ҳарфҳои хурд дар пушту рӯ навишташуда дошт, ки онҳоро гоҳо нимнигоҳе ҳам накарда, гӯё истифода мекард.

Ӯ назарияҳои забоншиносони машҳури олам А. Шахматов, В. Виноградов, Л. Якубински, С. Ожегов, А. Пешковский ва дигаронро ба тарзи муқоисавӣ пешниҳод, таҳлил, баррасӣ, хулосабарорӣ ва арзёбӣ мекард, ки барои мо, донишҷӯён ҷолиб буд.

Таваҷҷуҳи моро назарияи материалии забон ҳамчун ҳодисаи ҷамъиятӣ, моҳияти хешигарии забонҳо, оила ва гурӯҳҳои забонӣ, қонунмандиҳои тараққиёти забонҳо, забон ҳамчун омили ваҳдат ва рушди миллатҳо, инкишофи ҷаҳонбинии илмии донишҷӯён бар пояи дарки решаҳои табиӣ, таърихӣ, физиологӣ ва ҷамъиятии забон бештар ҷалб мекарданд.

Дарсҳои Рустам Ҷӯраев оид ба этимологияи муқоисавии гурӯҳи забонҳои ҳиндуаврупоӣ, махсусан, ҷолиби таваҷҷуҳ буданд.

**Ӯ бо вуҷуди таҳсил дар шароити берун аз мамлакат, дар дараҷаи аъло донистани забонҳои хориҷӣ, шахсияти ватандӯст ва миллатпарвар буд.**

**Нақши забони тоҷикиро дар ташаккули забонҳои ҳиндуаврупоӣ муҳимтарин омил медонист.**

**Таъкид мекард, ки забони тоҷикӣ аз забонҳои бунёдӣ ва ҳалқаофарини оилаи забонҳои ҳиндуаврупоӣ мебошад.**

**Исбот карданӣ мешуд, ки тамоми калимаҳои мансуб ба гурӯҳи забонҳои ҳиндуаврупоӣ, ки решаи «*st*» доранд, ҳолат, ҳаракат ва мансубиятро мефаҳмонанд, дар асл аз решаи феъли ёридиҳандаи «*аст*» оғоз ёфтаанд.**

Барои мисол, «*stop*», «*stood*», «*establishmen*». Суффикси маконсози хосияти байналхалқигирифтаи – «*истон*», ки номи бисёре аз кишварҳо тавассути ҳамин суффикси маконсоз мавқеи сукунати онҳо таъйид шудааст, аслан, аз ҳамин решаи «феъли ёридиҳандаи забони тоҷикӣ» сарчашма мегирад.

Ҳамин тариқ, ӯ ҳангоми хондани лексияҳо дар мавзуъҳои марбут ба забоншиносии муқоисавӣ ва этимологияи муқоисавӣ, забони тоҷикиро бо забонҳои англисӣ, немисӣ, пашту ва ғайра хеле озодона, бо мисолҳо дар таносуб, умумият ва фарқият мегузошт.

Дар мафкураи мо, донишҷӯён ақидае шакл мегирифт, ки муаллим Ҷӯраев ҳамаи ин забонҳоро медонад.

Аммо чӣ қадаре ки мо ба донишҳои муаллим Р. Ҷӯраев қоил шуда бошем, ҳамон қадар кунҷковии донишҷӯӣ моро намегузошт, ки дар ин боварҳо то охир устувор монем. Мегуфтем: **илм вақте ба охир мерасад, ки он ҷо боварҳо хосияти мутлақ мегиранд. Сабаби бутпарастӣ, рукуд ва бадбахтии оқибати сухани мулло низ дар ҳамин аст.**

Яке аз ҳамкурсон ва рафиқи мо Теша Шарипов, ки бачаи аълохон ҳамзамон шӯхи файзободӣ буд, ба хиради муаллим Р. Ҷӯраев, дараҷаи забондонии ӯ қоил будани худро таъкид мекард:

– Медонам, ки муаллим Ҷӯраев аз ҷумлаи донишмандтарин устодони донишгоҳ аст. Шояд мисли ӯ олим на танҳо дар Кӯлоб, балки дар тамоми мактабҳои олии мамлакат низ пайдо нашавад. Аммо ҳеҷ мумкин нест, ки як одам дар сиву панҷ – чил соли умри худ ин қадар илму маърифатро аз худ карда тавонад.

Ман ба ин фикр ҳам розӣ шудам, ҳам не. Гуфтам:

– Абуалӣ Сино фармудааст, ки ба ғайр аз таълим гирифтанҳо ва китоб хонданҳо инсонҳое ҳастанд, ки лаёқати фитрӣ доранд. Тавассути аз бар намудани донишҳои аввалӣ, худ ба худ, ба умқи масъала ворид мегарданд. Дар натиҷаи хондан ва шунидани андак, онҳо нисбат ба дигарон тезтар ба муайян кардани иттилоот, категория, дефинитсияҳо, мафҳумҳо ва қонунмандиҳо мерасанд.

– Э, як гуфтам, нагуфтам, дар бало мондам. Ту даррав ба фалсафаат мегузарӣ. Охир, ман фикр мекунам, ки ҳамин як одам – муаллим Ҷӯраев наметавонад ин қадар доно бошад. Пӯсткандаи гап, ба фикрам, ӯ барои моро қоил кардан, шаб то ба рӯз мавзуи лексияашро аз таги дил азёд ва такрор мекунад, - гуфт бачаи худбовар.

– Ман ба фикри ту розӣ нестам. Муаллими қориазёд мекардагӣ маълум аст. Лекин устод Ҷӯраев воқеан нобиға аст. Нотакрор аст. Донишманди ҳақиқӣ аст, – гуфтам ман.

– Ман ҳам ҳамин хел гумон мекунам-ку. Лекин ба ҳар ҳол, ту бо ман бош. Беодобӣ нашавад, ман устодро як бор месанҷам, – гуфт Теша.

– Хайр, савол дошта бошӣ, ҳозир лексия тамом мешавад. Дар охир даст бардошта, тибқи маъмул, саволатро деҳ, – гуфта, маслиҳат додам ба Тешаи якрав.

– Не, ин корро ман намекунам, – гуфт ӯ.

– Барои чӣ? – пурсидам ман.

– Яке намедонад, дар байни мардум, нохуб мешавад, - гуфт ҳамкурси «хушгумон»-и ман, – гӯё худро ботадбир гирифта.

– Хайр, чӣ пешниҳод дорӣ? – пурсидам ман.

– Бо ман биё, худат мефаҳмӣ, – гуфт Теша.

Синфхонаҳои Донишгоҳи Кӯлоб ҳама ду дари дутабақагӣ доштанд. Аз дари пеш, маъмулан, муаллимон медаромаданд. Рост ба паси минбар мегузаштанд. Рӯ ба рӯйи донишҷӯён қарор мегирифанд. Дари дуюм, асосан, барои даромад ва баромади донишҷӯён буд.

Мо бо Теша, ҳамкурси ҳамадону кунҷков дар қисмати дуюми синфхона менишастем. Бо занги танаффус ману ӯ тез бо дари дуюм ба роҳрав баромадем. Муаллим Р. Ҷӯраев бояд аз дари якум берун омада, муқобили мо ба самти деканат ё ба тарзи дигар, тарафи муаллимхона ҳаракат мекард.

Ҳамин тариқ, ману Тешаи сарсахт саросемавор аз дари поин баромада, тарафи дари якум, муқобили муаллим Ҷӯраев ҳаракат кардем.

Ба муаллим наздик шудем, Теша:

– Бори дигар салом, муҳтарам Рустам Ҷӯраевич. Лексияи Шумо ба мисли ҳамешагӣ мо донишҷӯёнро моту мабҳут кард. Мо ниҳоят хушбахтем, қатори донишҷӯёне ҳастем, ки имкони иштирок дар дарсҳои пурмуҳтаво ва нотакрори Шумо насибамон гаштааст.

Давоми ин ҳарфҳо муаллим Рустам Ҷӯраев як лаҳза ҳам дар ҷойи худ наистод, ки моро соз гӯш кунад. Маълум буд, ки тамаллуқ, таърифу тавсиф ба муаллим хуш наомад. Ӯ қариб ба мо нигоҳ ҳам накард, мисли ҳамешагӣ бо шитоб ба пеш қадам мезад. Теша ин ҳолатро ҳис карда, тез ба савол гузашт:

– Устод, Шумо дар бораи таҳлили муқоисавии забонҳои пашту – тоҷикӣ – англисӣ муҳокимаронӣ кардед. Солҳои шастум, вақте мо дар деҳа будем, субҳ аз радио сурудҳои афғониро гӯш мекардем. Дар ёдам мондааст, ки радиои Афғонистон такрор ба такрор як суруди ба фикрам, паштуниро мешунавонд, ки мисраи ҷолибаш ин буд: «До тори стиргӣ, зи мо ёдигӣ». Ман ин мисраро шунида-шунида, аз ёд кардаам. Лекин маънояш чӣ бошад, то ҳол намедонам.

Муаллим ҳамон замон дар ҷояш истод. Гуфт:

– Дафтаратро ба ман деҳ.

Теша суоли худро ривоятдор карда, дафтарашро ҳам бо худ гирифта буд. Ба муаллим дод. Муаллим Ҷӯраев дар байни дафтар бо хатти арабӣ ҷумлаи гуфтагии Тешаро чунон тез навишт, ки мо хабар нашудем (دا توری ستر گی زما یادی گی). Ва илова кард:

– Тарҷумаашро дар хотират нигоҳ дор: **«Эй, чашмсиёҳ, зи мо ёд бикун!»** – ангушти ишораи дасти росташро дар ҳаво ҳалқавор чархонда, хабари ҷумларо муаллим мисли ҳунарманди театр хонд.

Боқӣ, муаллим як сонияи дигар ҳам дар ҷояш наистод. Ҳаракат кард. Ва мо бо мардаки суолдеҳ музтар мондем.

Ба фикрам, муаллим Ҷӯраев «суиқасд»-и моро дар шакли саволи шубҳаомез фаҳмид. Ва ин катибаро дар дафтари Теша барои он навишт: «Эй содаҳо! Шумо агар маро имтиҳон карданӣ бошед, равед, ин катибаамро ҳарф ба ҳарф дар луғат кобед. Ёбед. Бори дигар қоил шавед: он чизеро, ки Рустам Ҷураевич медонад, илм ном дорад!».

### ТУ БОЯД БИДОНӢ, БИРАВ ЁД ГИР

Як вақт ман дар идораи Кумитаи ҷавонони донишгоҳ, берун аз машғулияти дарсӣ навбатдорӣ мекардам. Ҳамон рӯз муаллим Р. Ҷӯраев ҳам навбатдори умумидонишгоҳӣ будааст.

Ногоҳ дар кушода шуд. Ӯ бо ҳамон салобат вориди хонаи навбатдорӣ гашт.

Ман, албатта, аз ҷой бархоста, кӯтоҳ гузориш додам. Муаллим ба болои мизи корие, ки паси он нишаста будам, нигарист. Китоб, луғати русӣ-тоҷикӣ, дафтар ва қаламе, ки болои миз монда будам, диққати муаллимро ба худ ҷалб кард:

– Шумо чӣ хонда истодаед? – пурсид ӯ.

– Асари Денис Иванович Фонвизин «Недоросль»-ро.

Баъд ба мизи кории ман наздик шуда, ба дафтарам нигоҳ ва суол кард:

– Дар ин дафтар чӣ менависед?

– Калимаҳои нофаҳморо, – ҷавоб додам ман.

Р. Ҷӯраев дафтари маро аз болои миз бардошта, ба навиштаҳоям бодиққат шинос шуд. Ҳайрон гашт:

– Аҷаб! Ту донишҷӯи аълохон ҳастӣ, чӣ ҳамин калимаҳои одиро ҳам намедонӣ?

Ман ба аломати ҳиҷолат ба ин гуна сатҳи пасти забондонӣ сар хам кардам.

– Ин корат заҳмати зиёд талаб мекунад. Вақт мегирад, – гуфт ӯ ва илова кард:

– Ман ба ту чанд усули азхудкунии забони хориҷиро тавсия медиҳам:

1. Омӯхтани грамматикаи забони хориҷӣ бо иловаи лексика ва хониши иловагии зина ба зина, дар бастагӣ бо дараҷаи азхудкунии грамматика ва калимаҳо;

2. Бо тафсил омӯхтани китоб бо забони хориҷӣ, ки фарзияи он бо забони тоҷикӣ мавҷуд бошад. Аввалан шакли тоҷикиро хуб аз бар намуда, баъдан бидуни истифодаи луғат оғоз кардан ба хондани он китоб ба забони хориҷӣ. Яъне наздик шудан ба маънии китоб аз рӯйи матни тоҷикӣ;

3. Ҳангоми аз худ кардани категория ва истилоҳоте, ки чида оварда шудаанд, ба тарзи сунъӣ сохтани абревиатураи он.

Мисол, «сущность» (моҳият) муродифҳои сифатии он «важное», «главное», «необходимое», «определяющее», «закономерное» аст. Барои фаромӯш нашудани тарҷумаи онҳо ва бой гардонидани таркиби луғавӣ, калимаҳои номбаршударо кӯтоҳ, аз рӯйи ҳарфҳои аввалашон чун ВГНОЗ дар хотир гирифтан мумкин аст;

4. Ба ҳар калимаи ношиноси хориҷӣ шартан монандкунии ягон калимаи тоҷикӣ;

5. Агар забони хориҷии меомӯхтагӣ ба гурӯҳи забонҳои ҳиндуаврупоӣ мансуб бошад, кӯшиш бояд кард, ки решаҳои этимологии он калимаро дар забони тоҷикӣ пайдо кунӣ. **Забони тоҷикӣ забони модарии забонҳои ҳиндуаврупоӣ аст.** Барои мисол: овраг – раги об; банда – банд, баста, зуҳуроте, ки аз чанд тан иборат аст. Як кас ба каси дигаре бастагӣ дорад; баран – барра; зима – зимистон; кандил – қандил; рост – рост, дуруст; галаконсерт – гала, галаи асп ва садҳои дигар.

6. Новобаста аз дараҷаи донистани забон, бетанаффус хондани китоби хориҷӣ. Тамошои филмҳои бадеию ҳуҷҷатӣ, гӯш кардани матнҳо ба ин забон;

7. Истифодаи муҳити забонӣ ё дар ҳолати зарурӣ сохтани чунин муҳити забонӣ бо шарикдарсон;

8.Аз ёд кардани зарбулмасал, мақолҳо, суханҳои пандомез бо тарҷума. Чунин ибораҳои рехта хотирмон мешаванд.

9. Тарҷумаи хотиравии шеърҳо аз як забон бо забони дигар тавассути нутқи дохилӣ.

Муаллим Р. Ҷӯраев мисле, ки дар як синфхона дарс мегуфта бошад, бо тамоми масъулият маро мефаҳмонд.

Аввал ман дафтарро гирифта, рост истода, суханҳои муаллимро навишта гирифтам. Таваҷҷуҳи ман ба муаллим маъқул афтод ва ӯ гуфт:

– Бишин. Саросема нашуда навис.

Ман чунин кардам.

Шояд таваҷҷуҳи шавқмандона ва ихтиёрии ман дар омӯхтани забони русӣ муаллим Р. Ҷӯраевро ба чунин иқдом ҷалб карда бошад.

Ман ин дарси ғайрирасмӣ ва бароям ниҳоят муфидро ҳарчӣ зудтар аз худ кардам. Чандин маротиба такрор намудам.

Ин усул бароям хеле маъқул шуд. Тавсияи ғайрирасмиро ба шарикдарсони худ низ расонидам. Онҳо ҳам чунин тарзи азхудкунии забонро хуб қабул карданд ва медидам, ки бо ҳамдигар мубоҳиса карда, онро истифода мебаранд.

Баъдан, бо гузашти солҳо ҳангоми омӯхтани забонҳои анлисӣ ва фаронсавӣ ман ин методҳоро хуб истифода намудам. Онҳо самарабахш буданд.

Хулоса, Р. Ҷӯраев яке аз донишмандони бузурги забоншиносии тоҷик ва ифтихори донишгоҳ буд.

Хушбахтона, мо ҳис намекардем, ки байни муаллимони Донишгоҳи Кӯлоб ягон рақобати носолим бошад.

Баръакс, муаллимони ҷавон ба донишмандони соҳибкасб ва обрӯманд назари нек доштанд. Аз онҳо доимо меомӯхтанд.

Боре ман шоҳиди гуфтугӯ байни муаллимони ҷавони донишгоҳ будам. Он ҷо муаллим Ёралӣ Содиқов ширкат дошт. Ӯ мегуфт: «Кошки, одам ба дараҷаи муаллим Рустам Ҷӯраев донишманд бошад…!».

Албатта, номумкин аст, ки ҳама якзайл донишу касбият ва тахассусмандӣ дошта бошанд. Аммо далели эътирофи донишмандии шахсиятҳои муътабар, худ ишораи бузург барои кӯшиши расидан ба чунин ҷойгоҳу манзалат аст.

**С. ЯТИМОВ.**
**Бознашр аз рӯзномаи «Ҷумҳурият», №105 (24968) аз 04.06.2024**

# ИҚДОМЕ, КИ ТАТБИҚИ ОН ФАЪОЛИЯТИ ДАСТҶАМЪОНАРО ТАЛАБ ДОРАД

**Дар Паёми навбатӣ Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2024-ро «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон намуданд, ки мақсад аз он баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, тарғиби арзишҳои демократӣ, тарбияи шаҳрвандон дар руҳияи эҳтиром нисбат ба арзишҳои ҳуқуқӣ мебошад.**

Бояд гуфт, ки маърифати баланди ҳуқуқӣ риояи бошууронаи меъёрҳои қонун ва итоат ба қонунро дар назар дошта, он асоси ҷомеаи демократӣ ва нишондиҳандаи камолоти низоми ҳуқуқӣ мебошад. Омилест, ки ба равандҳои гуногуни зиндагӣ таъсири мусбат дошта, бо муттаҳидсозии шаҳрвандон тартиботро нигоҳ медорад.

Боло бурдани дониши ҳуқуқӣ ва сиёсии шаҳрвандон яке аз роҳҳои асосии кам кардани сатҳи ҷинояту ҳуқуқвайронкунӣ ва пешгирии онҳо низ мебошад. Донистан ва риоя намудани ҳуқуқу уҳдадориҳо шаҳрвандонро водор мекунад, ки дар назди қонун ва давлат масъулияти бештар ҳис намоянд. Маҳз дар ин замина маърифати ҳуқуқӣ барои боло бурдани одобу ахлоқ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои инсонӣ низ мусоидат мекунад. Яке аз омилҳои асосии то ҳадде бад шудани одобу ахлоқи насли имрӯз аз нодуруст дарк кардани озодии худу атрофиён, суиистифодаи мафҳуми «озодӣ», иҷро накардани уҳдадорӣ, паст будани сатҳи дониши ҳуқуқӣ ва маълумоти кофӣ надоштан дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад.

Сарвари давлат зимни ироаи Паём таъкид намуданд: «Баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии аҳолӣ омили асосии эъмори давлати ҳуқуқбунёд, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва таъмин намудани волоияти қонун мебошад». Албатта, бидуни маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ғайриимкон аст. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки соли 1994 қабул гардидааст, Тоҷикистонро давлати ҳуқуқбунёд эълон мекунад. Табиист, ки ҳуқуқбунёдии давлат низ аз маърифати ҳуқуқӣ ва дониши сиёсии шаҳрвандон вобастагии амиқ дорад.

Таваҷҷуҳи хосаи Сарвари давлат ба масъалаи баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ идомаи мантиқии ибтикороти қаблии эшон аст. Солҳои аввали истиқлоли давлатӣ дар ин самт корҳои судманд анҷом ёфта, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ва барномаҳои алоҳида таҳия ва қабул шуданд. Татбиқи ин санадҳо барои фароҳам овардани заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ саҳм гузоштаанд.

Дар пайравӣ ба иқдоми Пешвои миллат вобаста ба эълон гардидани «Соли маърифати ҳуқуқӣ» акнун муассисаҳои таълимиро зарур аст, ки ба омӯзиши фанни ҳуқуқ эътибори ҷиддӣ диҳанд. Ҳамчунин, оила низ дар ҷоннок намудани ин раванд бояд масъулияти бештар ҳис кунад. Воситаҳои ахбори омма дар самти тарғибот ва пешниҳоди маълумоти навтарин масъули асосӣ ба ҳисоб меравindependently. Умуман, боло бурдани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон бар дӯши як сохтор набуда, фаъолияти дастҷамъонаро тақозо дорад.

Дар иртибот ба ташаббуси навбатии Пешвои миллат кормандони суди ноҳияи Файзобод бетаъхир тадбир меандешанд. Аз ҷумла, бо мақсади баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии кормандон ва сазовор ҷашн гирифтани 30-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои фаҳмондадиҳӣ доир шуда, ин раванд бардавом аст. Ҳамзамон, гуфтан бамаврид аст, ки яке аз вазифаҳои муҳими мо - кормандони суд ин фаҳмонидани моҳияти Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба сокинони ноҳия мебошад.

Дар ин замина, кормандони суди ноҳияи Файзобод кӯшиш мекунанд, ки барои баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии худ ва фаҳмонидани донишҳои ҳуқуқӣ ба сокинони ноҳия беш аз пеш саҳмгузор бошанд.

**Бахтиёр ХОЛИҚЗОДА,**
**раиси суди ноҳияи Файзобод**

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

## АГЕНТИИ ДАВЛАТИИ ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии зерин ОЗМУН эълон менамояд:

